ИДИ КАСБИАТОН МУБОРАК, КОРМАНДОНИ СОҲАИ ТИБ!

ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН МАНСАБИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГИРИФТ с.2

ДАР БУҶАИ ҶАМОАТ ПУЛ НЕСТ! МУКОФОТПУЛӢ АЗ КУҶО? с. 9

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№33 (1492)
17.08.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! ~

1992-2022



ЧАРО ҶАВОНОНИ ТОҶИК АМРИКО РАФТАН МЕХОҲАНД?

Суҳбати ошкорои ду донишҷӯ аз вазъи таълим то муносибати муаллим

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ
Акмалхӯҷаева барканор ва Шарипов ҷойгузини ӯ шуд
с.2

ДУШАНБЕ
Тиҷорат муҳим ё идеология?
с.6


АШРАФ ҒАНӢ:
Ё тарки Кобул мекардам, ё зери дор мерафтам
с.4

23 ШАРТНОМАИ ҲАМКОРӢ
Натиҷаи сафари намояндагони Сурхондарё ба Хатлон
с.7

“АМОНАТБОНК”
ҳамкориро бо «Kazakh Export» вусъат медиҳад
с.8

ШИНОХТ АЗ СЕ ВАЗИР
Олимов, Назаров ва Зарифӣ “муҳтоҷ”-и суҳбат бо мардуманд
с.9

КАНЗИ ШИФО
3 роҳи халосӣ аз бемориҳои дилу рагҳо
с.13



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмачид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, чомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

АКАДЕМИК ФОЗИЛ ТОҲИРОВ ДАРГУЗАШТ

Фозил Тоҳиров, ҳуқуқшиноси маъруф, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, собиқ ректори ДМТ 16-уми август дар синни 83-солагӣ пас аз бемории тӯлонӣ вафот кард.

Мавсуф риштаи ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ)-ро хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 1966 то 1995 дар вазифаҳои гуногун дар ҳамин донишгоҳ фаъолият намудааст. Солҳои 1990-1995 ректори ДДМТ буд. Сипас ба кори Академияи илмҳои Тоҷикистон гузашт ва солҳои 1995-2006 саркотиби илмии Академияи илмҳо ва аз соли 2006 директори Пажуҳишгоҳи давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Тоҷикистон, раиси Ҷамъияти «Дониш»-и Тоҷикистон буд.

Фозил Тоҳиров аз собикадорони риштаи ҳуқуқ дар кишвар ба ҳисоб мерафт. Ба унвонҳои Арбоби илму техника, узви пайвастаи Академияи илмҳои ҶТ (2008), доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (1988), профессор (1990) мушарраф гардида буд.

АКМАЛХЎҶАЕВА БАРКАНОР ВА ШАРИПОВ ҶОЙГУЗИНИ Ӯ ШУД

Муҳайё Акмалхӯҷаева аз вазифаи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд озод гардида, Абдураҳмон Шарипов ба ин маснад таъин гардид.

Муаррифии кадри тозатаъин дар толори гимназияи №1-и шаҳри Хуҷанд бо иштироки сардори раёсати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон Зиёратшоҳ Назруллозода, сардори Раёсати маорифи вилояти Суғд Мадина Набизода, муовини раиси шаҳри Хуҷанд Фирӯза Нуруллозода ва роҳбарони муассисаҳои таълимии шаҳр баргузор гардид.

Бино ба иттилои дафтари матбуоти раиси шаҳри Хуҷанд, Абдураҳмон Шарипов факултети математикаи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси омӯзгори фанни математикаи МТМУ №29-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз намуда, солҳои 2018-2020 директори МТМУ №17 ва соли 2020 то таъин шудан ба вазифаи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд сарварии МТМУ №5-и шаҳри Хуҷандро ба зимма дошт.

Аммо то кунун маълум нест, ки Муҳайё Акмалхӯҷаева баъди барканорӣ аз мудири шуъбаи маорифи Хуҷанд ба кадом вазифа таъин гардид. Ӯ дар ин мақом ҳамагӣ 4 сол кор кардааст.

ПАНҶАКЕНТ НАҚШАРО БАРЗИЁД ИҶРО КАРД

Дар ҳафт моҳи соли равон қисми даромади буҷети шаҳри Панҷакент ба ҷои 357 миллион сомонӣ дар ҳаҷми 385 413 100 сомонӣ иҷро шуд.

Ин маълумот дар ҷаласаи охир, ки бо иштироки раиси шаҳр Абдуҳолиқ Холиқзода, роҳбарони сохторҳои мақомоти шаҳр, корхонаю муассисаҳо, ташкилотҳо баргузор шуд, садо дод.

Гуфта мешавад, ки дар ин давра ҳиссачудокунӣ ба буҷети маҳаллӣ -107, вилоятӣ - 96 ва ҷумҳуриявӣ баробари 138,1 фоиз ба иҷро расида, таъминоти пулии муассисаҳои буҷетӣ, пардохти нафақаю кумакпулиҳо сари вақт сурат гирифтааст.

Ҳоло дар шаҳр 20 корхонаи саноатӣ фаъол мебошад. 13 корхонаи саноатӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд намудаанд.



Суҳроб Ҳоҷиматов, дипломат

ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН МАНСАБИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГИРИФТ

Зодаи Тоҷикистон Суҳроб Ҳоҷиматов ба мансаби муовини Намояндаи доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Қазоқистон таъйин шуд.

Дар ин бора хадамоти матбуоти Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (ПРООН, UNDP) хабар додааст.

Солҳои охир Суҳроб Ҳоҷиматов муовини раиси дафтари ин созмон дар Туркия ва роҳбари Барномаи рушди Созмони Милал дар Озарбойҷон буд.

(Давомаш дар саҳ. 11)

САРИ САБЗ



Абдулҳамид САМАД, Нависандаи халқии Тоҷикистон

- Мо ватани таърихӣ дорем, ки ҳудудаш хеле бекарон аст ва марзу буми васеъеро дар бар мегирад. Аз шаҳрҳои қадимаи фарҳангӣ то пойтахтҳои басо илмиву адабӣ.

- Акнун, боз коҳи куҳнаро бод накунед, бобо! Сари бедардамонро дар бало намонед, охир!



Рустам ХОҶАЕВ, сармураббии Клуби футболи «Хуҷанд»

- Бо ҳузури худ дар варзишгоҳ бароямон болу пар шавед, то ин ки музаффарият ба даст орем.

- Ҷаноб, раҳмат ба бовариву ихлосмандиятон, вале магар ин гуфтаи Аллома Иқболро нахондаед?:

Дар ҷаҳон болу пари хеш
кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару
боли дигарон.



Ғафурҷон ИРКАЕВ, раиси Ассотсиатсияи фароҳамкунандаҳои алоқаи мобилӣ

- Интернети сусттару гаронтар аз ҳамсояҳо дар Тоҷикистон ба минтақаи кухӣ будани кишвар рабт дорад. Кишвар дар бунбаст қарор дорад, барои ин дар мо мушкил аст. Ҳудуди 93%-и кишварро куҳсор ташкил медиҳад.

- Ҳмммм. Пас илоҷ чист? Мехоҳед, ки тамоми куҳҳои кишварро ба хок яксон кунем?

Амрико меравам!

Маро ба Амрико фиристед!

Амрико, Амрико, Амрико...!

Ин садо дар мактабу донишгоҳ, кӯчаю паскӯча, аз кунҷи ҳар деҳаю шаҳр садо медиҳад. Ман ба ин овозҳо ҳамсадо нестам. Зеро ватанамро дӯст медорам. Аммо донистан мехоҳам, ки чаро ҷавонони тоҷик Амрикоро интихоб доранд, Амрико рафтан мехоҳанд? Чӣ гуна онҳо туъмаи ҳаннотон қарор мегиранд? Корчаллонҳо аз фурсат истифода мебаранд, ширкат месозанд, дар меҳмонхонаҳо дафтар мекушоянд ва парда ба рӯяшон кашида, садо баланд мекунанд:

Ман туро Амрико мефиристам!



ЧАРО ҶАВОНОНИ ТОҶИК АМРИКО РАФТАН МЕХОҲАНД?

Суҳбати ошкорои ду донишҷӯ аз вазъи таълим то муносибати муаллим

Ман низ ба яке аз чунин дафтарҳо омадам. Бо мақсади Амрико рафтан не, бо мақсади фаҳмидан, ки чаро Амрико мераванд?

Ҷавонон ҷо-ҷо ҷамъ омада буданд. Дар гӯшае ҷавони хушсимое танҳо менишаст. Наздаш омадам ва паҳлуяш нишастам. Хомӯшӣ чандон давом накард.

- Шумо ҳам Амрико рафтан мехоҳед?,- пурсид.

Ба хотири он ки ӯ наҳаросад, “бале” гуфтам.

Пас аз андак аз ӯ пурсидам:

- Шумо донишҷӯй ҳастед?

- Оре.

- Амрико рафтан мехоҳед?

- Оре.

- Курси чанд?

- 3.

- Омӯзгорӣ?

- Не, Донишгоҳи миллӣ.

- Чаро Амрико?

- Он ҷо имконият калон.

- Магар дар Тоҷикистон чунин имконият нест?

- Он ҷо имконият бештар.

- Барои рафтан ҳам пули калон лозим.

- Қарз гирифтам. Кор мекунаму бармегардонам.

- Ду соли дигар мондааст. Метавонистӣ донишгоҳро тамом куниву баъд Амрико равӣ.

- Вақт меравад.

“Дуруст аст, ки вақт меравад, вале баробари вақт нерӯи тоза, ақлҳо мераванд”,- аз дил гузаронидам.

- Таҳсил рафтан ба хорича баҳона шудааст.

- Баҳона не, илоҷи воқеа.

- Манзур?

- Он чиро меҷӯӣ, ки зарурат дорӣ. Дониш.

- Магар дар донишгоҳҳои Тоҷикистон дониш гирифтан намешавад?

- Мешавад, агар дониш диҳанд. Донишгоҳ на дониш медиҳад, на одоб. Фарқ миёни муаллим ва донишҷӯй намондааст. Медонӣ муаллим ба шогирд чӣ гуна муроҷиат мекунад? “Э аблаҳ, ича биё!”. Донишҷӯ чӣ? “Чо кадӣ устод, э, дарс меша намеша, хай биё мо брем! Э, хай ҷавоб тен равен, шумоям дам гирен, моям”.

Ин мушкилоти як донишгоҳ нест. Аз мактаб оғоз мешавад, дар донишгоҳ идома меёбад. Ман дар Хуҷанд, ҳарчанд аслам аз ҷануб аст, мактаби русӣ хатм кардам. Ба мо омӯзгорони русзабон дарс медоданд. Барои онҳо якумдараҷа эҳтиром, баъд дониш меистод. Вақте эҳтиром ҳаст, хонанда дониш омӯхта метавонад. Вале аксари омӯзгорон дар чумҳурӣ аз ин хислат дуранд. Онҳо ба хонандаву донишҷӯ дод мезананд, хонандаву донишҷӯ ба сӯи омӯзгор. Магар ин бадбахтӣ нест?

- Ту ибтидо дар Хуҷанд таҳсил доштӣ?

- Бале, баъд ба Душанбе кӯчидем.

- Магар миёни донишгоҳи Хуҷанду Душанбе фарқ ҳаст?

- Ҳаст, ещё как! Дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд муаллим муаллим асту донишҷӯ донишҷӯ. Мисоли оддӣ: дар ДДХ бемор шавию варақаи беморӣ биёрӣ, муаллимон туро мефаҳманд, мепурсанд, ки “пурра сиҳат шудӣ, ҳоло худатро чӣ гуна ҳис мекунӣ?”. “Саломатиатро эҳтиёт кун” мегӯянд. Аммо дар донишгоҳҳои Душанбе гап дигар! Омӯзгорон мегӯянд, ки “ба ман фарқаш чӣ, ки ту дар куҷо будӣ, чӣ кор кардӣ, рав декана бин, замдекана бин, пулша те, рав, дарсба шин!”. Муҳимтарин фарқи Донишгоҳи Хуҷандро аз Душанбе дар он мебинам, ки он ҷо эҳтиром ҳаст.

- Афсона мегӯй.

- Худат донишҷӯ?

- Бале.

- Гӯё намедонӣ.

Ман лаб газидаму хомӯшӣ ихтиёр намудам. Ҳамсуҳбатам суханашро давом дод:

- Пора медиҳӣ, вақти дар дарсҳо набуданат “иштирок дошт” мешавад, пора медиҳӣ, аз дониши набуда бали баланд мегузоранд. Мисол, ман аз забони русӣ имтиҳон доштам. Ба ман гуфтанд, ки “худат месупорӣ?”. Гуфтам: “Бале”. Омодагӣ гирифтам, то қадри имкон ба саволҳо ҷавоб гардонидам. Гуфтанд: “Ҳама пул дод, ту ҳам пул деҳ, ҷавоб ба ту!”.

- Кӣ чунин гуфт?

- Ассистент. Бештар дар имтиҳонҳо ассистентҳо қабул мекунанд. Омӯзгорони дарсдиҳанда кам дар имтиҳонҳо меоянд.

- Чӣ қадар пул талаб мекарданд?

- Ҳар гуна. Ба факултет вобаста, ки чӣ хел мақом дорад.

- Масалан, аз шумо чӣ қадар талаб мекарданд?

- Ба ҳисоби миёна 100 сомонӣ аз ҳар як фан.

- Дар як нимсола чанд имтиҳон дорӣ?

- 8-9.

- Агар ту хоҳӣ ба дониши худат супорӣ, чӣ вокуниш мекунанд?

- Ман забони русиро хуб медонам ва мехоҳам ба забони русӣ имтиҳонҳоро супорам. Вақте аз омӯзгорон кумак мепурсам, ба ман мегӯянд: “Пас ин ҷо чӣ кор мекунӣ, ба гуруҳи русӣ рафта хон, ҳеҷ кас туро мачбур надоштааст?!”. Вале дар шаҳри Хуҷанд чунин нест. Ман таҳсилоти миёна ва аввали донишҷӯиямро дар Хуҷанд гирифтаам. Омӯзгорони онҷо ба ман ба русӣ ҳамаро мефаҳмонданд, инҷо бошад, баръакс аст, гӯё дониш бароямон муҳим нест.

Имрӯз дар тамоми донишгоҳу донишкадаҳои пойтахт, ба ҷуз аз Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов таълим ба стандарти байналхалқӣ ҷавобгӯй нест. Ҳатто дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, ки он ҷо гӯё донишҷӯён бо стандартҳои пешрафтаи таълимии Русия мехонанд. Ман аз дӯстонам пурсон мешавам ва ҳамаро муқоиса мекунам. Гуфтаҳои ман сарсарӣ нест. Ин натиҷаи таҳқиқ аст, ки ман назари шахсони гуногунро шунида, хулоса баровардам.

- Фарқи таълим дар Душанбе нисбати Хуҷанд чӣ гуна аст?

- Масалан, дар донишгоҳи мо рӯзи душанбе омӯзгорон пурра дарсҳоро мегузаранд. Сешанбею рӯзҳои дигар аксаран ба дарс дер меоянд, рӯзи шанбе гурухе аз донишҷӯён ба дарс намеоянд, ё омӯзгор дарсро нагузашта, ҷавоб медиҳад.

- Ягон маротиба барои аз тарафи омӯзгорон шикастани қоидаҳои меҳнат ба касе шикоят кардед шумо?

- Ба гапи донишҷӯ кӣ гӯш мекунад? Агар гап задӣ, туро беҳудагӯ мепиндоранд, дар қоғаз чизе менависанд ва гӯё чорае меандешанд. Охир, ҳамаи онҳо бо ҳамдигар шинос ҳастанд, дӯст ҳастанд ва ба як гуфтаи ман ба ҳамдигар интиқод намегиранд. Баръакс, ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд.

- Шумо дар як сол барои таҳсил чӣ миқдор маблағ месупоред?

- Наздик ба 10 000 сомонӣ.

- Ба андозаи маблағи супоридаатон дониш мегиред?

- Агар дониш мегирифтам, майли Амрико рафтан намекардам. Ҳайронам, ки чаро дар Донишгоҳи тиббӣ дониш гирифта мешаваду дар дигар донишгоҳҳо не. Донишҷӯёни Донишгоҳи тиббӣ, ки шабу рӯз мехонанд, баҳои баланд мегиранд. Дар донишгоҳи мо, бахусус дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисод ҳатто Суруди миллиро намедонанд. Бархе то имрӯз фикр мекунанд, ки Гулназар Келдӣ бону аст. Ин ҳама аз куҷо сарчашма мегирад? Аз мактаб! Дар мактаб кӣ таълим медиҳад? Онҳое, ки ҳамин донишгоҳҳоро хатм кардаанд.

- Дар донишгоҳ чӣ чиз туро бештар нороҳат мекунад?

- Вуҷуд надоштани эҳтиром. Вақте бори аввал ба донишгоҳ омадам, дар ҳайрат мондам.

(Давомаш дар саҳ.5)

МАВҚЕЪ



ФАЗЛИДДИН АСОЗОДА

ТАБИБОН

Нафароне, ки баъди Худованд тақдири мардум ба дасти онҳост

Рӯзи 18-уми август Иди касбии табибон аст. Нафароне, ки ба қавле, баъди Худованд тақдири мардум ба дасти онҳост.

Тавре медонем, аслан қасамёдкунии се гуруҳ ҳангоми ба фаъолият пардохтан роиҷ аст - президентҳо, сарбозон ва табибон. Аз ин бармеояд, ки табибон низ дар ҷомеа масъулияти бузург бар дӯш доранд. Ҳамон қасами Гиппократ, ки ёд мекунанд, бояд ҳамеша пешорӯйи табибон бошад. Зеро, он қасами оддӣ нест. Он қасами касбиест, ки бояд мутахассис ёд кунад. Он аз чумлаи қасамҳои бешумору булаҷаби ҷавонони имрӯза нест, ки ин соат ёд кардаву соати дигар шикананд. Мардум, хусусан корафтодагон низ эътимод ба ҳамон қасами Гиппократ доранд. Руҳи Гиппократ мададгори шогирдонаш бошад!

Аммо, баъзан шикоятҳое низ ба гӯш мерасанд, ки кадом як табиб қасами ёднамудаашро фаромӯш кардааст. Боре нафаре ба ман ҳам чунин шикоят кард. Ӯ гуфт, ки дилаш аз табибон мондааст, зеро, вақте хоҳарашро ҷарроҳӣ кардан лозим меояд, кафолат намедиҳанд. Ба ӯ фаҳмонидам, ки дуруст кардаанд, чун ҳама чиз аз онҳо вобаста нест. Онҳо гунаҳгор нестанд, ки қасами Гиппократ ёд кардаанд. Маҳаку маънии ин қасам танҳо он аст, ки ба назди бемор бо нияти нек, бо мақсади наҷот додан раванд. “Бошад, гап гапи ту” гуфту рафт. Баъди чанд моҳ тасодуфан ӯро боз вохӯрдам. Чехрахандон буд. Хушҳолӣ кард, ки хоҳараш бидуни ҷарроҳӣ, бо дорудармонӣ сиҳат шудааст. Табиби дармонгари хоҳарашро ҳам зиёд таърифу тавсиф кард, аз ӯ як нафари хушмуомилаву мехрубон ном бурд.

Пурсидам:

- Ин табиб кафолати сиҳатшавии хоҳаратро дода буд?

Гуфт:

- Не. Фақат гуфта буд, ки “бо кӯшиши мову бо хости Худо сиҳат мешавад”. Худо хоста будааст, ки кӯшишаш самаровар шуд.

Гуфтам:

- Акнун дарк кардӣ, ки муҳим на кафолат, балки бо нияти нек назди бемор рафтан будааст?

- Бале,- тасдиқ кард қаноатмандона.

Воқеан, банда нисбати ин қишри ҷомеа, яъне табибон эҳтироми хоса дорам.

(Давомаш дар саҳ.6)






ЯК СОЛИ ТОЛИБОН

Нигоҳи Муҷоҳид, Ғанӣ, Халилзод ва Аҳмад Масъуд

15-уми август расо як сол мешавад, ки шаҳри Кобул аз ҷониби гуруҳи тундрави Толибон тасарруф шуд. Ҳукумати қонунии ин кишвар пас аз фирори раисҷумҳур Ашраф Ғанӣ суқут кард ва ҳукумати Афғонистон ба дасти Толибон гузашт. Бо гузашти як сол назарҳо дар мавриди қазияи Афғонистон мухталиф аст.

Тасарруфи Кобул

Соле пеш, дар ин шабу рӯз, Толибон пайиҳам чандин вилояти Афғонистонро тасарруф карданд. Мардум ҳаросон дар Кобул ба хиёбонҳо рехта буданд ва ҷойи амн мечустанд. Артиши Афғонистон аз ҳам пошида буд. Мақомоти Амрико ва ҳукумати Афғонистон ҳанӯз ба созиш ва гуфтушунид бо Толибон умед доштанд.

Рӯзи 14-уми уми август Мазори Шариф ва рӯзи 15-уми август Ҷалолобод ба дасти Толибон суқут кард. Бо тасарруф шудани минтақаҳои муҳими Афғонистон, вазъ дар ин кишвар печидатар шуд. Ашраф Ғанӣ, ки он замон президенти ин кишвар буд, дар охирин мусоҳибаи телевизионӣ гуфт, гуфтушунид идома дошт, вале баробари расидани аввалин хабарҳо дар бораи ворид шудани Толибон ба шаҳр, мардум роҳи фурудгоҳро пеш гирифтанд. Ҳама мехостанд фирор кунанд. Раисҷумҳур Ашраф Ғанӣ Арки раёсатҷумҳуриро тарк намуда, аз кишвар фирор кард. Ҳамин тавр Афғонистон ба дасти Толибон гузашт.

Халилзод: Фирори Ғанӣ вазъро печида кард

Яке аз бозигарони асосии қазияи Афғонистон Залмай Халилзод баъди як сол дар мусоҳибае гуфт, ки талоши онҳо барои сулҳ бенатиҷа буд. Ӯ ки намояндаи вижаи Амрико барои сулҳи Афғонистон буд, дар мусоҳиба ба СНН гуфт, қарор буд рӯзҳои 14-15-уми август як ҳайат дар Доҳа - пойтахти Қатар сари мизи гуфтушунид нишинанд. “Мувофиқа шуд, ки як ҳайати олирутба аз тарафи ҳукумати Афғонистон бо шумули оғои Карзай ва доктор Абдулло ба Доҳа биёянд ва сари як ҳукумате, ки дар он аносири ду тараф ҷой дошта бошад, гуфтугӯ кунанд ва интиқоли ҳукумати пешин ба ҳукумати нав сурат бигирад”.

Вале ба гуфти ӯ, ин талошҳо натиҷа надоданд, “зеро Ашраф Ғанӣ дар фикри фирор афтод”.

Ғанӣ: Ё тарки Кобул мекардам, ё зери дор мерафтам

Залмай Халилзод, намояндаи вижаи пешини Амрико барои сулҳи Афғонистон мегӯяд, ин савол то ҳанӯз норӯшан аст, ки чаро Ашраф Ғанӣ он лаҳза фирор кард.

Ӯ гуфт: “Ин ки чаро доктор Ашраф Ғанӣ рафт, ба ҷойи мувофиқаро амалӣ кунад ва бо ҳайат биёяд. Ин як саволест норӯшан. Мегӯянд, шояд эҳсоси хатар дошт ба худ. Агар дошт, чаро тақозои кумак накард? Мешуд, ки агар тақозои кумак мекард, сари он фикр мекарданд. Саволи муҳимтар ин аст, ки чаро қувваҳо парокканда шуданд? Чаро ҷанг накарданд?”.

Зимни мусоҳиба бо як шабакаи телевизионии BBC, рӯзи 10-уми августи имсол, Ғанӣ баръакс, Залмай Халилзод ва дигар мақомоти амрикоиро барои имзои созиш бо Толибон айбдор кард. Манзури ӯ созишномаи моҳи феврали соли 2020-ум буд, ки дар он ИМА бо Толибон барои берун бурдани неруҳои амрикоӣ аз Кобул дар Қатар созиш карда буданд. Ӯ далели фирорашро дар эҳсоси хатар доштанаш арзёбӣ кард.

“Ман дигар роҳ надоштам, ҷуз он ки тарки кишвар кунам, зеро маро тақдири доктор Наҷибулло интизор буд. Яъне маро ба дор мекашиданд”,- гуфт Ашраф Ғанӣ.

Муҷоҳид: Тасарруфи Кобул ногузир буд

Забеҳулло Муҷоҳид, сухангӯи Ҳукумати Толибон мегӯяд,ки онҳо танҳо пас аз шурӯи бебандуборӣ дар Кобул вориди ин шаҳр шуданд.

“24-и асад буд. Субҳ як эъломия пахш кардем, ки як субот бошад. Вале баъд аз нисфи рӯз мо огоҳ шудем, ки дар шаҳри Кобул ғоратгарӣ оғоз шуда, зиндонҳо аз ҳам шикастанд. Баъзе аз афроди номатлуб силоҳ ба даст оварданд ва зиндагии мардум, бонку дӯконҳо дар хатар қарор гирифтанд. Баъд аз нисфи рӯз мо тасмим гирифтем, ки ногузир бояд дохили Кобул шавем”,- гуфт ӯ.

Муҷоҳид бар он аст, ки Афғонистон акнун ба ҳукумати ормониаш расид. “Ҳукумати мо бар асоси ниёзҳои мардуми Афғонистон ба вуҷуд омад. Мо дар зери таъсири ҳеҷ қувваи берунӣ нестем ва хоҳиши мо оромӣ ва суботи Афғонистон аст”,- гуфт номбурда дар суҳбат бо “Иран интернешнл”.

Вале коршинсон бар онанд, ки Толибон бо гузашти як сол кори чашрасе накарданд. Ҳанӯз ҳам ин гуруҳ аз ҳаракатҳои тундгаро пуштибонӣ мекунад. Мардуми Афғонистон дар ҳоли фақру гуруснагӣ ба сар мебарад. Бекорӣ дар авҷ аст. Ва аз ҳама муҳим, ҳуқуқи башар дар ин кишвар риоя намешавад.

Аҳмад Масъуд: Фоҷеи Афғонистон идома дорад

Баъди ба қудрат расидани Толибон ягона гурухе, ки амалан муқобили ин низом меҷангад, Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон аст.

Фаъолияти ҷабҳа дар ибтидо назаррас буд, вале баъдан Панҷшер низ аз тарафи Толибон тасарруф шуд.

Бо гузашти як сол Аҳмад Масъуд - роҳбари ҷабҳа мегӯяд: “Як сол аст, ки фоҷеаи Афғонистон идома дорад. Мо талош мекунем, ки кишварро аз чанги ин гуруҳи тундрав раҳо созем. Агар фоҷеаи Афғонистон давом ёбад ва ин дард куҳна шавад, он ба тамоми ҷаҳон асар хоҳад кард ва ҳамаи онҳое, ки ин гуруҳро пуштибонӣ карданд, пушаймон хоҳанд шуд”.

Дар рӯзҳои яксолагии Афғонистонро тасарруф кардани Толибон дар шимоли ин кишвар байни Ҷабҳаи муқовимат ва неруҳои Толибон даргирӣ ба амал омад, ки дар натиҷа 40 нафар асир афтодаву даҳҳо нафар кушта шуданд.


СТИВЕН СИГАЛ ДАР БОРАИ ДОНБАСС ФИЛМ МЕОФАРАД

Продюссер ва ҳунарманди машҳури амрикой Стивен Сигал тасмим гирифтааст, ки дар бораи ҳаводиси Донбасс як филми мустанад ба навор гирад.

Роҳбари ҶМД Денис Пушилин дар “Твиттер” хабар додааст, ки ҳунарманд аллакай аз боздоштгоҳи муваққатии Еленовка, ки маҳбусон бар асари ҳамлаҳои низомиёни украинӣ кушта шудаанд, дидан кардааст.

Дар вохӯрӣ Стивен қайд намудааст, 98 фисади онҳое, ки дар бораи ин низоъ дар расонаҳо ҳарф мезананд, аз ин ҷойҳо дидан накардаанд. Аз ин рӯ, ҷаҳон асли воқеаро намедонад.

Ин ҳунарманд қайд намудааст, ки бо офаридани филм назари ҷаҳонро ба ин низоъ тағйир медиҳад.



ИМА НАЗОРАТИ ҶАҲОНРО АЗ ДАСТ МЕДИҲАД

“Express” - расонаи британиёие навиштааст, ки ИМА назорати тартиботи ҷаҳониро босуръат аз даст медиҳад ва Ҷо Байден вазъи кунуниро тағйир дода наметавонад.

Тавре Ҷеймс Ли - муаллифи мақола қайд кардааст, Иёлоти Муттаҳида дорои бузургтарин иқтисод ва низоми ҷаҳонӣ аст, аммо коршиносон мутмаинанд, ки боди тағйирот дар сиёсати ҷаҳонӣ дар ҳоле мевазад, ки дигар кишварҳо ба қудрат расиданд ва Вашингтонро аз саҳна дур кардаанд.

"Бидуни шубҳа, Чин ба абаркудрати навбатӣ табдил хоҳад ёфт ва эҳтимолан ҷаҳонро бо сохти як тартиботи нави дуқутбаи ҷаҳонӣ, ки аз замони Ҷанги сард дида нашудааст, мерасонад",- гуфт Ли.

Ба андешаи ӯ, давлатҳо нуфузи худро аз даст медиҳанд. Ин ҳам далели он аст, ки Вашингтон натавонистааст масъалаи Украинаро бо Маскав бо роҳи дипломатӣ ҳал кунад.

Рӯзноманигор ёдрас шудааст, ки дар Шарқи Наздик ИМА низ назоратро аз даст дода ва ҷойи онро рақибон мегиранд.

- Дар даврaҳои душвор роҳбарият калиди тавонмандӣ аст, аммо роҳбари Кохи Сафед Ҷо Байден салоҳият ва эътибори пешгузаштагони худро барои ҳалли мушкилот надорад,- хулоса кардааст рӯзноманигор.

ДАРҲОРО БА РӮЙИ РУСҲО БАНДЕД!

- Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бояд вуруди русиягиҳоро манъ кунанд,- гуфт сарвазири Эстония Кая Каллас.

"Аз додани раводиди сайёҳӣ ба русиягиҳо даст кашед. Боздид аз Аврупо як имтиёз аст, на ҳуқуқи инсон",- навиштааст ӯ дар Twitter.

Сиёсатмадор тавзеҳ дод, ки бо вуҷуди баста шудани иртиботи ҳавоӣ бо Русия, кишварҳои минтақа раводиди Шенген медиҳанд, ки ба ақидаи ӯ, ба давлатҳои ҳамсояи Русия зарар мерасонад.

"Ҳоло вақти он расидааст, ки туризм аз Русияро қатъ кунем",- навиштааст сарвазири Эстония.

Қаблан Урмас Рейнсалу, вазири умури хориҷии Эстония пешниҳод карда буд, ки ба бастаи навбатии таҳримҳо алайҳи Русия манъи додани раводиди вуруд ба Иттиҳодияи Аврупо барои русиягиҳо ворид карда шавад.

Вазир қайд кард, ки Эстония додани раводиди сайёҳӣ ба шаҳрвандони Русияро қатъ кардааст, аммо онҳо бо раводидҳои дар дигар кишварҳои минтақаи Шенген гирифташуда вориди кишвар мешаванд.

МАВСИМӢ Ё МОНОПОЛИЯ?

Мусофирон аз гарон шудани нархи чиптаи ҳавопаймо нигаронанд

Якбора гарон шудани нархи чиптаҳои ҳавомаймо дар масири Тоҷикистон ва Русия сокинонро нигарон кардааст. Мардум аз он шикоят доранд, ки ҳамасола дар ҳамин шабу рӯз чипта якбора гарон мешавад ва онҳо дар фиристодани пайвандони худ ба таҳсил ё муҳоҷират душворӣ мекашанд. Хабарнигори "Тоҷикистон" дар марказҳои чиптафурӯшӣ, маъруф ба "Зелёный"-и пойтахт ин мавзуъро пайгирӣ намуд.



Мо масъул нестем...

Ҳамасола дар моҳҳои июл - август шоҳиди авҷи харидорон дар нуқтаҳои чиптафурӯшӣ мегардем. Яке барои таҳсил ба хорича мераваду дигаре баҳри дарёфти қутти лоямут, сеюмӣ барои дидор бо волидон ё фарзандон. Вале нигаронии мардум сабаб дорад. Онҳо иддао менамоянд, ки дар ҳамин вақт сафар ба хорича зиёд мегардад, вале якбора гарон шудани нархи чиптаҳо мушкилоти мавҷударо боз ҳам ваҳимтар мегардонад. Ин дар ҳолест, ки аз 16-уми август хатсайри қатораи Русия - Тоҷикистон боз шудааст. Вале бо вуҷуди ин нархи чиптаҳои ҳавопаймо гарон ва на барои ҳама дастрас боқӣ мондааст.

Хостем сабабҳои гарон шудани нархи чиптаҳоро аз забони худи фурӯшандаҳо ва харидорон фаҳмем. Вақте ба ҶСК "Агентии алоқаи ҳавоӣ" омадем, ягон нафар масъулро дар ҷойи кор пайдо накардем, то ҳақиқати ҳолро пурсон шавем. Ҳарчанд рӯзи расмии корӣ буд. Як нафар аз кормандони чамъият гуфт, ки "роҳбарон нестанд, ина метавонед аз кассирҳо пурсед". Вақте ба кассири якум, ки дар курсияш худро ба пушт такон дода менишаст, мурочиат кардем, ӯ аз суҳбат худдорӣ намуд ва моро ба назди дигар кассир роҳнамоӣ кард. Дар назди хазинадори дуюм анбуҳи зиёди одамон дар навбат буданд. Нахостем монеи кори хазинадор шавем, бинобар ин, 10 дақиқа мунтазир шудем. Дар ин муддат кассир бо даст кор мекарду бо телефон ҷавоби дигаронро медод. Дохили чамъият аз занони кӯдакбадаст то пиронсолонро дидан мукин буд. Аз суҳбати кассири дуюм маълум гардид, ҳафтае пеш нархи чиптаҳо арзонтар будааст. Ӯ ба саволи мо "сабабҳои гарон шудани нархро шумо ҳамчун фурӯшанда дар чӣ мебинед?" чунин ҷавоб дод: "Ба нархи чиптаҳо мо масъул нестем, нархи чиптаро дигар ширкатҳо муайян мекунанд, мо танҳо мефурӯшем. Шумо медонед, ки барои талаб кардани 20 сомонии зиёдатӣ моро ба ҷавобгарӣ мекашанд". Вале ба саволи асосӣ, ки назарашонро фаҳмидан мехостем, "рафта сабабашро аз "Сомон Эйр", "Ural Airlines" ва дигар ширкатҳо пурсед",- иброз дошт яке аз кассирҳои ҶСК "Агентии алоқаи ҳавоӣ".

> **"ЧӢ МИҚДОРЕ ГӮЯНД, МО МАҶБУРЕМ ХАРЕМ. ИМКОН НАДОРЕМ, ВАЛЕ ЧОРАИ ДИГАРЕ НЕСТ",-МЕГӮЯД ХАРИДОРЕ... ВОБАСТА БА ИН МУШКИЛОТ МАСЪУЛИН ҶАВОБИ ҚОНЕЪКУНАНДАЕ НАДОДАНД.**

Маҷбур ҳастем...

Ҳангоми муошират кассирҳо бо мизоҷон маълум гардид, чиптаҳое, ки барои рӯзҳои наздик (тахмин барои ҳафтаи дар пеш истода) дархост мешавад, дар самти Тоҷикистон - Русия аз 4200 то 5200 сомонӣ будааст. Аммо ин нархи ниҳоӣ нест. Корафтодагон мегӯянд, ки баъзан бо ин нарх дастрас кардани чипта мушкил аст. Танҳо агар самти ҳаракат аз дигар шаҳрҳои Тоҷикистон ба ягон нуқтаи дуртари Русия сурат гирад, метавон чиптаи каме арзон пайдо намуд.

Аз харидорони зиёд танҳо як нафар ба мо доир ба нархуназо ибрози назар намуд ва он ҳам бе ошкор намудани ному насаби худ. "Чӣ миқдоре гӯянд, мо маҷбурем харем. Имкон надорем, вале чораи дигаре нест, қарз мекунам ва писарамро равон мекунам. Барояш ҷойи кори муносибе ёфтаанд, агар наравад, аз даст медиҳад. Баъзеҳо аз маҷбурӣ мераванд, баъзеҳо фарзандонашонро ба таҳсил равон мекунанд",- гуфт ин ҳамсуҳбатамон.

Мардум саргадонанд, масъулин ҷавоби қонеъкунандае надоданд, бар замми ин, ширкати "Сомон Эйр" ба зангҳои пайдарпайи мо (446404040) ҷавоб надод. Пас роҳи ҳал куҷост? Чӣ бояд кард, ки мардум саргардон нашаванд?

Идибеки САИД,
коромӯзи "Тоҷикистон"

ЧАРО ҶАВОНОНИ ТОҶИК АМРИКО РАФТАН МЕХОҲАНД?

(Аввалаш дар саҳ.3)

Омӯзгор донишҷӯро бо нидои "ҳе аблаҳ, ҳе сағера, ичча биё!" ба сӯи худ мехонад. Ман ҳамаи омӯзгоронро дар назар надорам, чун ҳастанд омӯзгоре, ки воқеан онҳо махзани илм ҳастанд ва аз илму дониши онҳо бояд истифода карду омӯхт.

Баъзе омӯзгорон меоянду мешинанд, чизе менависанд. Чеҳраи кадом донишҷӯе писандашон омад, бали баланд мегузоранд. Дар ин миён донишҷӯёне, ки тариқи буҷавӣ дохил шудаанд, мехонанд, ҳатто агар омӯзгор дарс ҳам нагузарад, нишаста чизе менависанд. Ин аз хоҳиши худи донишҷӯён ҳам вобаста аст, вале барои донишҷӯро ба дониш ҷалб кардан нақши омӯзгор аввалиндараҷа аст. Бояд омӯзгор раҳнамо бошад, на қаҳнамо. Ҳавасмандиро омӯзгор бояд диҳад.

- Ҳама камбудиҳоро медонӣ, намешавад, ки ин ҷо бимонию онҳоро якҷо ислоҳ кунем?

- Не ман чунин имконият ро намебинам. Ҳарчанд Тоҷикистон ватани мост, дил аз он канда наметавонам. Донишҷӯёнеро медонам, ки лаёқату дониши зиёд доранд, вале пас аз як соли таҳсил мебинем, ки рахти сафар ба Русия бастаанд, ҳарчанд ман Русияро ҷои муносибе барои рафтану таҳсил кардан намедонам. Ҷое, ки миллатгароӣ, коррупсия ҳаст, озодии баён нест, ҷавонон наметавонанд пеш раванд.

- Озодии баёнро дар чӣ мебинӣ?

- Вақте назари худро озод, бе дахолати касе гуфта тавонӣ, дигарон товони гӯш кардани гуфтаҳои туро дошта бошанд. Масалан, дар Аврупо чунин аст, ки вақте ба сомонаҳо, саҳифаҳои интернетӣ ва наворҳо сар занӣ, ду фикри якхела нест, яъне он ҷо гуногунандешӣ вуҷуд дорад. Ман намегӯям, ки дар Аврупову Амрико чунин ҳолатҳо ё коррупсия нест, ҳаст, вале хеле кам. Одамонро барои коррупсия ҷазои сахт медиҳанд.

- Аз нигоҳи ту, барои донишгоҳҳои мо чӣ намерасад?

- Мавҷуд набудани фарҳанги муошират. Ин ҳама аз оила оғоз мешавад, падару модар вақти лозимаро барои тарбияи фарзанд ҷудо намекунанд. Онҳо ин вазифаи худро пурра бар дӯши мактабҳо вомегузоранд. Мактабҳо ҳам чунин ранг доранд. Яъне аз оила ба мактаб ва аз мактаб ба донишгоҳ мегузарад. Ҳамин тавр, ба зиндагии мустақилона қадам мегузоранду мераванд ва ҳеҷ шикояте ҳам надоранд.

- Фаразан ба Амрико рафтӣ, донишҷӯ шудӣ, баъд чӣ?

- Таҳсил ва кор мекунам.

- Нияти дар он ҷо зиндагӣ кардан дорӣ?

- Чунин фикр надорам. Мехоҳам зиндагии худамонро бо зиндагии мардуми Аврупо ва Амрико муқоиса намоям ва барои зиндагӣ шаҳри орому осудаеро интихоб кунам.

- Такрор мекунам, ту метавонӣ ин гуфтаҳоро дар ин ҷо амалӣ намоӣ...

- Намешавад. Инҷо ба ҷои раҳнамоӣ дар ҳар кори ту хато меҷӯянд, пешравиатро намехоҳанд, коре мекунанд, ки ба шикаст мувоҷеҳ шавӣ. Онҳо худ, ки ба чизе нарасидаанд, намехоҳанд дигарон ҳам расанд. Бояд дигарон аз онҳо поинтар бошанд. Чунин андеша ҳоло мафкураи ҷавонони моро печонидааст.

- Яъне гуфтан мехоҳӣ, ки кумак намекунанд?

- На танҳо кумак намекунанд, балки коре мекунанд, ки ба шикаст дучор шавӣ. Ҳатто дӯсти наздиктаринат намехоҳад аз сатҳи ӯ боло бошӣ. Мекӯшанд аз сатҳи будаат ба сатҳи поинтарин фароӣ.

- Роҳи ҳали ин ҳамаро дар чӣ мебинӣ?

- Намедонам. Шояд мафкураи мардумро дигар кардан лозим бошад. Як бор мехоҳам аз берун ба дохил нигоҳ кунам. Шояд он вақт маслиҳате дода тавонам.

Суҳбати мо ба анҷом норасида, ӯро даъват карданд. Ман ба кор баргаштам. Умедворам, бо он ҷавон, ки ҳатто пурсидани номашро фаромӯш кардам, бори дигар ҳамсуҳбат мешавам.

И. ШАРИПОВ

РИЗҚ ДАР ГАРДИШИ ЧАРХИ АРОБА

Анақул Тошпӯлодов беш аз 15 сол аст, ки аз бозорҳои шаҳри Бохтар меваю сабзавотро харидорӣ мекунад ва назди биноҳои баландошёна мефурӯшад. Ӯ ҳамарӯза ҳудуди 300 кг маҳсулотро тариқи ароба дар кӯчаҳои шаҳр мегардонад.



“Дар аробаам 300 килограмм бор аст. Ҳар рӯз наздик ба 10 км роҳ меравам. Ин кор бароям чандон мушкил нест. Зеро, бо меҳнати ҳалол ризқамро меёбам. Мизоҷон дар ҳақам дуои нек мекунанд, чунки маҳсулотро ба назди хонаашон мебарам. Фарзандонам дар паҳлуям низ кор мекунанд. Вале ман намехоҳам миннатпазир бошам. Касбу корамро дӯст медорам. Рӯзе дар хона бекор бошам, худро заифи мариз эҳсос мекунам. Кор ба солимии баданам таъсири мусбат мерасонад, зеро, ҳар рӯз дар ҳаракат ҳастам”,- мегӯяд Анақул Тошпӯлодов.

Амаки Анақул дар шаҳри Бохтар иҷоранишин аст. Моҳе як бор ба дидани пайвандонаш ба ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ меравад. Ӯ соҳиби панҷ фарзанд, се писар ва ду духтар аст. Қаблан аробакашӣ мекард, маҳсулоти харидорикардаи мардумро аз дохили бозорҳои шаҳр то манзилашон мерасонд. Акнун ин корро ба тиҷорати хурде табдил додааст. Субҳи барвақт аз хона берун шуда, то шом маҳсулот мефурӯшад.

“Дар мавсими меваю сабзавот ва полезиҳои гуногун, аз ҷумла шалғаму турб, шибиту гашнич, пиёзу сабзӣ, себу анор, ангуру шафтолуро аз деҳқонбозори “Ҳоҷӣ Шариф” харидорӣ намуда, дар назди хонаҳои мардуми шаҳр мефурӯшам. Шукри Худованд, дар як рӯз беш аз 100 сомонӣ фоида ба даст меорам. Мардум аз ман мепурсанд, ки “бо ин қадар бори вазнин хаста намешавӣ?”. Чаро хаста шавам?! Роҳҳо мумфаршанд. Гардиши чархи аробаам ризқамро медиҳад. Ҳама касбу кор заҳматталаб аст. Зинҳор набояд баҳонаи набуди кор кард. Танҳо ганҷе, ки арзиши ҷустуҷӯ карданро дорад, ҳадаф аст”,- мегӯяд ин мард.

Анақул Тошпӯлодов таъкид мекунад, ки заҳмат инсонро обутоб дода, соҳиби иззату эҳтиром мегардонад.

Наҷибулло ВАЛИЕВ

ТИҶОРАТ МУҲИМ Ё ИДЕОЛОГИЯ?





Яке маконеро вайрону обод мекунад, дигаре валангору хароб месозад, аммо дар фикри дубора обод кардан нест. Собиқ кинотеатри “Тоҷикистон” аз ҳамин қабил аст.

Аксари насли калонсол, ки дар Душанбе ба камол расидаанд, ин кинотеатрро ба хотир доранд. Макони фарҳангӣ - фароғатӣ буд. Махсусан, рӯзҳои истироҳат чорабиниҳои фарҳангӣ доир мешуд, мардум инчо ғубори дил мебаровардаанд. Ҳатто, баъзан рӯзҳо ҷойи сӯзанпартоӣ набуд. Имрӯз кучост он кинотеатр? Биноияш тахриб шудаву дар ҷояш ба ном бино сохта истодаанд.

Аммо ҳоло дар ин ҷо як чордевори бетонӣ чандин сол ҳайрон соҳибашро интизор аст.

Кас намедонад, ки дар ҷои кинотеатр чӣ месозанд? Ё кадом пулдоре танҳо дар фикри банд кардани он бошад?

Ачиб, тиҷорат муҳим ё идеология?

Бурҳон АЗИЗОВ,
сокини шаҳри Душанбе



Абдувоҳиди Зевар

ЛӮЛИДУХТАР

Лӯлии ман, азизи ман,
парчапӯши(1) ман,
Ёри сиёҳчурдаи
колофурӯши ман!
Кас дасти ман намегирад,
фолам намезанад,
Бори гарони зиндагӣ
афтид ба дӯши ман..
Дигар канори деҳаи мо
аҷҷибозӣ(2) нест,
Дигар канори деҳаи мо
хаймае мазан!
Дигар магӯ «авлод»,
ки на лод мондааст,
На ҷойи қӯшу хаймаю
на боғи бевазан.
На бачаи деҳотие
бо доғи кунҷитак,
Аксат ба рӯи сафҳаи
девор мекашад.
На кампире бо риштаю
пашму калобааш,
Зери лабаш як мунгае(3) аз
ор мекашад...
Ёдат ба хайр деҳаи
овони бачагӣ,
Ёдат ба хайр Азизаи ман эй,
азизи ман!
Хубтар набуд, ки дар
ҳамон айёми кӯдакӣ,
Ё лӯлӣ мешудам ману
ё ту канизи ман?!

1.Парча – як намуди матоъ.

2.Аҷҷибозӣ- як намуди бозии кӯдакона, ки бо устухони пои ҳайвон бозӣ карда мешавад.

3.Мунга- суруди гоҳе беробту гоҳе барабт, ки бештар кампирҳо дар вақти корҳои дастӣ месароянд.

ТАБИБОН

(Аввалаш дар саҳ.3)

Зеро, бовар дорам, ки аз ҳама пештару бештар онҳо дарди инсонро ҳис мекунанд. Ба пиндорам, вақте шахс хилъати сафед ба бар мекунад, дар майнааш танҳо фикри наҷоти одамон мечархад. Ба андозае, ки худро фаромӯш мекунад. Барои исботи ин гуфта далел ҳам оварда метавонам. Нафареро мешинохтам, бо номи Доктор Азизов (равонаш шод бод!). Табиби бисёр бадонишу бомаҳорат ва меҳрубону дилсӯзу хубмуомила буд. Дар даводаву такопуи наҷоти дигарон, фаромӯш карда буд, ки як пойи худаш мелангад. Шӯхияш ҳам мекарданд, ки “доктор, агар духтури зӯр бошед, пойи худатонро табобат намекунед?”. Механдиду мегуфт: “Вақт намеёбам”.

Воқеан, табибон ҳамеша сертараддуду пурташвишанд. Қисмате, ки масъулиятҳои вазифавӣ доранд, боз пурташвиштар. Барои ба андозае бартараф кардани ташвишҳояшон, ба онҳо низ кумаку таваҷҷуҳ лозим аст, то “рахти сафар бастани табибон”-ро дигар нашунавем.

Иди касбиятон муборак, табибони ҳабиби мардум!



ПОЙГОҲИ ТЕХНИКИИ IRS ПУРҚУВВАТТАР ШУД

Ҳанӯз дар марҳилаи аввали фаъолият барои дар сатҳи хуб ва сифати баланд пеш бурдани фаъолият зиёда аз даҳҳо миллион доллари ИМА сармоягузорӣ шуда буд.

Минбаъд, ин нишондиҳанда ба маротиб афзоиш ёфта, дар ин замина пойгоҳи техникии филиали ширкат ба 210 техникаву механизм расид. Муҳим он аст, ки мунтазам ғанӣ намудани пойгоҳи техникии филиали Ширкат дар мадди назари роҳбарият қарор дорад.

Чанде пеш ба парки техникии IRS ҳашт адад техникаи нав - 3 худборкунаки пуриқтидори фронталӣ ва 5 нақлиёти махсусгардонишуда барои интиқоли кормандон ворид шуд.



Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки то анҷоми сол вуруди иловагии техникаву механизмҳо дар назар аст.






МИЛЛАТ БЕМОР АСТ?!

Дар чорроҳаи бозори “Саховат”-и шаҳри Душанбе 70 дорухона баршумурдам. Агар бовар надоред, бираведу баршуморед.

Танҳо дар як чорроҳа мавҷуд будани ин теъдод дорухона чӣ маъно дорад? Агар 70 ошхона мебуд, мегуфтем, миллат серу пур аст, агар 70 корхонаи истеҳсолӣ мебуд, нишони соҳибкориву мавҷудияти маҳсулоти ватанӣ медонистем... Вале 70 дорухона паҳлуи ҳам саф кашидан дақиқан ба маънои он аст, ки миллат бемор аст.

Ёқуб ҲАЛИМОВ,
корбари “Фейсбук”





23 СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ

Натиҷаи сафари намояндагони Сурхондарё ба Хатлон

12-УМИ АВГУСТИ СОЛИ ҶОРӢ НАМОЯНДАГОНИ ВИЛОЯТИ СУРХОНДАРЁИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН БО РОҲБАРИИ РАИСИ ИН ВИЛОЯТ ТЎРА БОБОЛОВ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ТАШРИФ ОВАРДАНД. МАҚСАД АЗ САФАР БОЗ ҲАМ ГУСТАРИШ ДОДАНИ ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД МИЁНИ ДУ ВИЛОЯТ АСТ.

Мақсади ташрифи меҳмонон таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ - иқтисодӣ, илмӣ - техникӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ миёни вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Дар доираи ин сафар миёни вилоятҳои харду кишвар 23 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Меҳмонон давоми ду рӯз аз корхонаҳои саноатӣ, гармхонаҳои замонавӣ, мавзеҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ, зиёратгоҳҳо ва заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон дидан намуданд.

Боздид аз Маҷмааи тандурустӣ ва корхонаи истеҳсоли семент

Дар рӯзи аввали сафар меҳмонон аз Маҷмааи тадурустии “Дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон” дар ноҳияи Қубодиён ва аз ҶДММ “Моҳир Семент” дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дидан намуданд.

Баъди барқарор шудани равобит миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон созишномаҳои гуногуни ҳамкорӣ миёни ду кишвари дӯст ва ҳамсоя ба имзо расид. Дар доираи ҳамкориҳои судмандии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Маҷмааи тандурустии «Дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон сохта шуд, ки дар ин минтақаи кишвар қариб ки бесобиқа аст. Масоҳати умумии Маҷмааи тандурустӣ 6 гектар аст. Бинои асосии он аз 4 ошёна иборат буда, ду бинои дигари сеошёна низ сохта шудааст. Маҷмааи тандурустии «Дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дорои 200 кат буда, барои ташхису табобати беморон шароити муосир фароҳам оварда шудааст. Ин Маҷмаа дорои 19 шуъба аст ва бо муосиртарин таҷҳизоти тиббӣ ҷиҳозонида шудааст.

Дар идомаи сафар намояндагони вилояти Сурхондарё аз ҶДММ “Моҳир Семент”-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дидан карданд. Онҳоро Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон ҳамроҳӣ намуд. Зимни боздиди меҳмонон гуфта шуд, ки ҶДММ “Моҳир Семент” дар минтақаи саноатӣ ҷойгир буда, бо харҷи 380 миллион сомонӣ бунёд шудааст. Иқтидори истеҳсолии корхона 600 000 тонна семент дар як сол мебошад. Ҳоло дар ин ҷамъият бештар аз 100 сокини маҳаллӣ бо кор таъминанд.

ҶДММ “Моҳир Семент” калонтарин корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ буда, дар истеҳсоли маҳсулоти хушсифати сохтмонӣ ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад.

Боздид аз Леваканту Данғара

Ҳамчунин, дар ин рӯз меҳмонон аз Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дидан карданд.

Муассисаи таълимӣ дорои се бинои таълимӣ, маҷлисгоҳ, варзишгоҳ ва хобгоҳ мебошад. Дар 57 сол ин муассисаро наздики 15 ҳазор нафар хатм кардаанд. Дар доираи корҳои ободонӣ дар литсейи мазкур осорхона таъсис дода шудааст, ки таърихи таъсисёбӣ ва фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, синфхонаи даврони таҳсил дар литсейи мазкур, китобхона ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишварро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон солҳои 1969-1971 дар ин муассиса дар гуруҳи рақами 10, бо ихтисоси “Челонгари барқии асбобҳои андозагирӣ-санҷишӣ ва автоматика” таҳсил намуда, онро бо муваффақият хатм кардааст.

Боз дар ин рӯз меҳмонони вилояти Сурхондарё аз минтақаи озоди иқтисодии Данғара, КВД "Чармии Данғара" ва ҶСП "Ҷунтай-Хатлон Син Силу" дидан карданд.



МАҶМААИ ТАНДУРУСТИИ «ДӮСТИИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН» ДОРОИ 200 КАТ БУДА, БАРОИ ТАШХИСУ ТАБОБАТИ БЕМОРОН ШАРОИТИ МУОСИР ФАРОҲАМ ОВАРДА ШУДААСТ. ИН МАҶМАА ДОРОИ 19 ШУЪБА АСТ ВА БО МУОСИРТАРИН ТАҶҲИЗОТИ ТИББӢ ҶИҲОЗОНИДА ШУДААСТ.





Зиёрати мақбараи алломаи Машриқзамин

Дар шаҳри Кӯлоб меҳмонон аз вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва осорхона, мақбара дидан карданд. Ҳамчунин, онҳо ба фаъолияти корхонаи нассоҷии шаҳр шинос шуданд.

Имзои 23 созишнома миёни ду вилоят

Дар шаҳри Норак Форуми рушди ҳамкориҳои вилояти Хатлони Тоҷикистон ва вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон бо иштироки роҳбарияти вилоятҳои ҳарду ҷониб ва соҳибкорон гузаронида шуд.

Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон гуфт: “Боиси хушнудист, ки намояндагони вилояти Сурхондарё дар вилояти Хатлон меҳмон шуданд. Имрӯз “Харитаи роҳ” ба имзо мерасад, ки дар он иқдомоти муштараки минбаъдаи мо ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои муштарак танзим мешавад”.

- Бояд гуфт, ки таҳким ва густариши робитаҳои корӣ бо минтақаҳои Ӯзбекистон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодии хориҷии мо мебошад. Мо ба бунёди муносибатҳои дарозмуддат, ки ба мо барои самаранок истифода бурдани иқтидори минтақаҳоямон мусоидат мекунанд, манфиатдорем. Вилояти Хатлон рушди ҳамкориҳои минтақавиро ҷузъи муҳими стратегияи рушди иқтисоду тиҷорат, ҷалби сармоя, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, фароҳам овардани ҳавасмандӣ барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди устувори минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии минтақа медонад. Итминон дорам, ки сафари кории ҳайати вилояти Сурхондарё ба Хатлон дар таърихи муносибатҳои ду вилоят саҳифаи нав мекушояд,- афзуд вай.

Дар Форуми рушди ҳамкориҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон 23 созишномаи ҳамкорӣ, аз ҷумла Харитаи роҳ байни ду вилоят, ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, 15 шартнома барои сармоягузорӣ, шаш шартнома барои молу маҳсулот бо маблағи беш аз 26 миллион доллар ба имзо расонида шуд. Созишномаҳои ба имзо расида дар пешравии ин ду вилоят мусоидат карда, ба бештар шудани равобит ва дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон мусоидат мекунанд.



Машраби
АЛОВИДДИН

«АМОНАТБОНК» ҲАМКОРИРО БО «KAZAKHEXPORT» ВУСЪАТ МЕДИҲАД

15-уми август мулоқоти Раиси Раёсати БДА ҶТ "Амонатбонк" Икромӣ Сироҷиддин Салом бо ҳайати расмии ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport»-и Ҷумҳурии Қазоқистон, таҳти роҳбарии Раиси Раёсати Ширкати мазкур Калигазин Аслан баргузор гардид.



Раиси Раёсати ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport» иброз намуд, ки ширкат омода аст дилхоҳ пешниҳод ва дархостҳои соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз Ҷумҳурии Қазоқистон молу маҳсулот ворид менамоянд, дар ҳамкорӣ бо БДА ҶТ «Амонатбонк» ҷонибдорӣ намояд.

Раиси Раёсати Бонк Икромӣ Сирроҷиддин Салом низ қайд кард, ки БДА ҶТ «Амонатбонк» дар раванди сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша омода аст соҳибкорони ватаниро дар самти рушд додани соҳибкории хурду миёна ва дарёфти шарикони рушди боэътимод дастгирӣ карда, чиҳати ворид намудани молу маҳсулот аз Ҷумҳурии Қазоқистон мусоидат намояд.

Пас аз мулоқоти дуҷониба миёни БДА ҶТ «Амонатбонк» ва ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport» Ёддошти тафоҳум оид ба зиёд намудани ҳаҷми иловагии маблағгузорӣ то ба 15 млн доллари ИМА ба имзо расонида шуд.

Роҳбарияти ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport» иброз дошт, ки БДА ҶТ «Амонатбонк» метавонад дархостҳои иловатан пайдошударо то ҳаҷми 23 млн доллари ИМА ба ширкати мазкур пешниҳод намояд. Онҳо дар навбати худ омодаанд, ки ин дархостҳоро баррасӣ ва дастгирӣ намоянд.

Дар сурати аз худ шудани меъёри ҷудогардида аз ҷониби ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport» маблағи умумӣ зиёда аз 30 млн доллари ИМА-ро ташкил менамояд.

Айни ҳол аз ҳисоби маблағҳои ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport» ба 6 лоиҳаи соҳибкорони ватанӣ ба маблағи 8,75 млн доллари ИМА тариқи маблағгузории савдо хатҳои аккредитивӣ кушода шудааст.

Ҳадафи асосии ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳум - ин пеш аз ҳама ҷалби сармояи мустақим ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва зиёд намудани ҳаҷми гардиши молу маҳсулот миёни соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад.

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» кӯшиш менамояд, ки дар оянда ҳам нисбати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ тадбирҳои муассирро амалӣ намояд.

ХИЗМАТРАСОНИИ БОСИФАТ ДАР МАДДИ АВВАЛ

Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, риояи одоби муошират бо мизоҷон, эҳсоси баланди масъулиятшиносии кормандон дар мадди аввал ва таваҷҷуҳи Раиси Раёсати БДА ҶТ "Амонатбонк" меистад. Бо ин мақсад ҳамасола мулоқоти раиси «Амонатбонк» Сироҷиддин Икромӣ бо роҳбарони филиалҳо, мутахассисон, кормандони марказҳои хизматрасонӣ баргузор мешавад. Номбурда зимни суҳбат бо роҳбарони филиалҳо, мутахассисон, кормандони марказҳои хизматрасонии бонкии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳрҳои Хуҷанду Кӯлоб, Бохтар, минтақаи Рашт, ноҳияҳои тобеи марказ, Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон иброз дошт, ки "тамоми кормандонро зарур аст, ки бо дасти пок ва нияти нек фаъолият намоянд".

СУҒД

Ҳоло дар вилояти Суғд 19 адад филиал бо теъдоди 142 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла 1 адад хазинаи шабонарӯзӣ ба аҳолии вилояти Суғд хизматҳои гуногуни бонкӣ мерасонанд. Марказҳои хизматрасонии бонкии бехтарини филиалҳои Амонатбонк дар вилояти Суғд барои саҳми босазо гузоштан дар рушди фаъолияти соҳа ва мустаҳкам намудани мавқеи Бонк дар низоми бонкии кишвар, аз ҷумла ба МХБ-и №362-и филиали №24-и шаҳри Хуҷанд, МХБ-и №351-и филиали №37-и ноҳияи Б. Ғафуров, МХБ-и №249-и филиали №30-и шаҳри Конибодом бо гирифтани Ифтихорнома сарфароз гардиданд.

ВМКБ

Ҳоло дар 9 филиал бо 40 марказ хизматрасонии бонкии "Амонатбонк", аз ҷумла 1 адад хазинаи бегоҳирӯзӣ ба аҳолии вилоят хизмати гуногуни бонкӣ мерасонанд. Марказҳои хизматрасонии бонкии №627-и филиали №74-и «Амонатбонк» дар ноҳияи Шуғнон ва маркази хизматрасонии бонкии №619-и филиали №72-и «Амонатбонк» дар ноҳияи Ишкошим барои саҳми арзандаашон дар рушди фаъолияти соҳа ва тақвияти мавқеи бонк дар низоми бонкии кишвар бо Ифтихорнома сарафроз гардонида шудаанд.

НТҶ ВА МИНТАҚАИ РАШТ

Дар минтақаи Рашт 5 адад филиал бо теъдоди 27 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла 1 адад хазинаи бегоҳирӯзӣ ба аҳолии минтақаи Рашт хизматҳои гуногуни бонкӣ мерасонанд. Ба марказҳои хизматрасонии бонкии бехтарини филиалҳои Амонатбонк дар минтақаи Рашт, аз ҷумла ба МХБ-и №080-и филиали №12-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Нуробод, МХБ-и №171-и филиали №20-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Тоҷикобод ва МХБ-и №049-и филиали №76-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Рашт барои саҳм гузоштан дар рушди фаъолияти соҳа ва мустаҳкам намудани мавқеи Бонк дар низоми бонкии кишвар "Ифтихорнома" тақдим гардид.

Дар вохӯрӣ бо марказҳои хизматрасонии бонк дар НТҶ низ таваҷҷуҳ ба хизтматрасонии босифат, аз ҷумла ҷиҳати зиёд намудани пайвастнамоӣ бо СМС-паёмак, истифодаи барномаи Амонат-мобайл, интернет-банкинг ва ривоҷ додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ супориш дода шуд. Айни замон дар НТҶ 10 адад филиал бо теъдоди 107 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла 2 адад хазинаи шабонарӯзӣ ва 2 адад бегоҳирӯзӣ ба аҳолӣ хизматҳои гуногуни бонкӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, марказҳои хизматрасонии бонкии бехтарини филиалҳои Амонатбонк дар НТҶ қадрдонӣ шуданд:

- МХБ-и №683-и филиали №10-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар шаҳри Ҳисор;

- МХБ-и №685-и филиали №13-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Рӯдакӣ;

- МХБ-и №693-и филиали №14-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар шаҳри Ваҳдат.

БОХТАР

Ҳоло дар минтақаҳои Бохтар 14 адад филиал бо теъдоди 100 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла 1 адад хазинаи бегоҳирӯзӣ ба аҳолӣ хизматҳои гуногуни бонкӣ мерасонанд.

Марказҳои хизматрасонии бонкии бехтарини филиалҳои Амонатбонк дар НТҶ қадрдонӣ карда шуданд:

- МХБ-и №536-и филиали №42-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар шаҳри Бохтар;

- МХБ-и №529-и филиали №59-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Данғара;

- МХБ-и №476-и филиали №54-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Кӯшониён.

КӮЛОБ

Дар минтақаҳои Кӯлоб 10 адад филиал бо теъдоди 69 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла 2 адад хазинаи бегоҳирӯзӣ





ба аҳолии минтақаҳои Кӯлоб хизматҳои гуногуни бонкӣ мерасонанд. Марказҳои хизматрасонии бонкии бехтарини филиалҳои Амонатбонк дар минтақаи Кӯлоб қадрдонӣ карда шуданд:

- МХБ-и №700-и филиали №56-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар шаҳри Кӯлоб;

- МХБ-и №549-и филиали №60-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Ҳамадонӣ;

- МХБ-и №705-и филиали №61-и БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи Фархор.

Ёдовар мешавем, ки дар тамоми марказҳои хизматрасониҳои бонкии номбурда амалиёти гуногуни бонкӣ, аз қабили интиқоли маблағҳои шахсони воқеӣ бидуни кушодани суратҳисоб, амалиёти хазинавӣ, қабули маблағҳои коммуналӣ, маблағҳои телефони мобилӣ, пур намудани ҳамёни электронӣ, андозҳо, ҷаримаҳо, пардохти маблағҳои нафақа ва кумакпулиҳо, хизматрасонии машваратӣ ва дигар намуди пардохтҳо аз аҳолӣ гузаронида мешаванд.

НИМШӮХИЮ НИМҶИДДӢ

ДАР БУҶАИ ҶАМОАТ ПУЛ НЕСТ!

Мукофотпулӣ аз куҷо?

- Муҳтарам Раис! Аз боло супориш шуд, ки ба зудӣ ҳисоботи солонаро пешниҳод кунем.

- Хайр, пешниҳод кунед!

- Хоҷагиҳо ҳанӯз ҳисоботи худро пешниҳод накардаанд. Ман намедонам, ки дар умум дар мо чӣ қадар картошка кишт шуд, ҳисоботи чорвои хурду калон низ нест. Мо чӣ қадар паранда парвариш мекунему чӣ қадар харгӯш дорем? Ман ин ҳама маълумотро аз куҷо дастрас кунам?

- Ин хеле осон аст. Ман як бор нишон медиҳам. Оянда худат аз рӯи ҳамон омода мекунӣ.

- Гӯш мекунам, Раис.

- Навис! 50 гектар картошка кишт кардем.

- Ин маълумот аз куҷост? Дар ҳудуди ҷамоати мо ин қадар кишт нашудааст ку!

- Чӣ хел нашудааст? Шуд. Мо чанд хоҷагӣ дорем?

- 5000 хоҷагӣ.

- Сари ҳар хоҷагӣ 5 сотих ҳисоб кардан гир, мешавад 50000. Кӣ дари хонаи ҳар хоҷагӣ рафта ҳисоб мекунад? Агар санҷанд ҳам, воқеан дар назди ҳавлии ҳама одамон картошка кишт шудагӣ аст ку. Яке камтар, дигаре бештар. Мо ҳисоби умумиашро мегирем.

- Аз боло талаб доранд, ки мо кишти картошкаро ба 60 гектар расонем.

- Ин тавр бошад, сари ҳар хоҷагӣ 6-сотихӣ навис, мешавад 60 гектар.

- Саршумори чорворо чӣ хел муайян кунем? Саршумори гӯсоларо чӣ?

- Ба ҳар 5 хоҷагӣ 1 гов нависӣ, чанд мешавад?

- 1000.

- 1000 навис!

- Гӯсола?

- 700 гӯсола навис.

- Мо ҳисоб накардаем ку, ман чӣ хел 700 нависам?

- Хайр аз 1000 гов 300 гов қасир бошад, 700-тояш зоидагист ку. 700 навиштан гир.

- Паранда?

- 9500 навис.

- Ин маълумот аз куҷо?

- Агар аз 5000 хоҷагӣ нисфаш 3-тоӣ мурғ дошта бошад, чандто мешавад?

- 7500.

- Ана дидӣ? Ҳисобат дуруст. Ба болои 7500 мурғ 2000 кабки кухро илова кунем, мешавад 9500.

- Харгӯш.

- 1000 адад навис, бас аст.

- О, хоҷагиҳои мо умуман хургӯш надоранд ку, Раис!

- Хоҷагиҳо надоранд. Аммо дар куху ҷангал ҳаст ку. Ҳама харгӯшҳои куху ҷангал ҳам аз худамон аст.

- Э шумо бузургед Раис, бузург. Ман ба шумо қоил. Ана ҳисобот ҳам тайёр шуд.

- Чоп куну фирист.

- Ташаккур Раис! Ҳамаашро қайд кардам. Худи ҳамин рӯз пешниҳод мекунам.

- Офарин! Илова ба маошат ба ту мукофотпулӣ ҳам менависам.

- Дар буҷаи ҷамоат пул нест ку, мукофотпулиро аз куҷо медиҳед, Раис?

- Ба инаш парво накун. Ҳисоботро ба ҷои ҳама хоҷагиҳо худат навиштӣ ку. Акнун мукофотпулиашро аз ҳисоби онҳо рӯёнидан мегирем.

Холиқи МУҲАММАДНАЗАР,
махсус барои "Тоҷикистон"





ШИНОХТ АЗ СЕ ВАЗИР

Олимов, Назаров ва Зарифӣ "муҳтоҷ"-и суҳбат бо мардуманд

Гоҳо дар зиндагӣ аҷиб иттифоқе меафтад. Ва ба ман муяссар гардид. Дар як рӯзи пурбаракати шанбе ба шаш хурсандӣ даъватӣ будам. Яке аз онҳо тӯйи фарзандони писари собиқ раиси Ҳукумати ноҳияи Мастчоҳ, сафири вақти Тоҷикистон дар Қазоқистон, вакили парлумони кишвар, марди хеле табаррук бароям акаи Саидшариф Шарифов - Муҳаммадназир Шарифов буд.

Худо ҷойи акаи Саидшариф биҳишт бошад. Пеш аз баргузории ҳар маҷлиси сессияи Шӯрои олӣ, ки ҳарду вакил будем (солҳои 1995-2000), аз Мастчоҳ телефон мекарду саломатиамро мепурсид ва шӯхиомез мегуфт:

- Абдулфайз, агар дар сессия баромад кунӣ, меоям, агар не, кори ноҳия бисёр аст.

- Яъне намеоям...

Худоро шукр мекунам, назди чунин бузургон аз чӣ бошад, қадре доштам.

Аз ин бузургмард писаре чун Муҳаммадназир ба ҳамон назири падар бокӣ монда, ки маро чун қадрдони падар фаромӯш накардааст...

Дар тӯйхонаи бошукуҳи "Яккасарой" соҳили рӯдхонаи Душанбе меҳмонони фохире ҷамъ шуда буданд. Соҳиби хурсандӣ маро ба ҷое муаррифӣ кард, ки ин нишони истиқболи гармаш буд.

Ҷойи падарат биҳишту фарзандонат хушбахти ин дунё гарданд, тӯйдор. Маро дар мизе, ки меҳмонони хеле муътабари ин маҳфили хотирмон - се вазири собиқи корҳои хориҷии Тоҷикистон - Рашид Қутбиддинович Олимов, Талбак Назаров, Ҳамроҳхон Зарифӣ менишастанд, ифтихори нишаст дод...

Бо ин се бузургмард, ки дар роҳи Истиқлол барои нуфузу эътибори Тоҷикистон ва татбиқи сиёсатҳои Пешвои миллат заҳматҳо кашидаанд, кор кардаам. Онҳо буданд, ки Тоҷикистонро ҳудуди дусад кишвари дунё ба расмият шинохт ва парчами Тоҷикистон дар пештоқи бинои Созмони Милал ва даҳҳо созмонҳои минтақавӣ насб ҳасту зиёда аз чил кишвари дунё имрӯз сафоратхонаҳои Тоҷикистонро доранд.

Бале, ҷузъиёти хизматҳои эшонро ёдоварӣ кардан хеле мушкил аст. Онҳо бо ҳама ин бузургӣ ҳамонгуна чун даврааи вазириашон хоксору ҳалиму "муҳтоҷ"-и суҳбат бо мардуманд.

Маро, як корманди оддии даргоҳашон - Вазорати корҳои хориҷиро, ки 21 сол ҳамроҳашон кор кардам, бо муҳаббати самимонаашон пазиро шуданд. Медидам дар паҳлуяшон одами изофӣ нестам ва он бузургон аз диданам шод ҳам ҳастанд.

Маро ҳаштуми моҳи феврали соли 1993 айни нооромиҳои кишвар Рашид Олимов ба кор қабул кард.

Рашид Қутбиддинович дар сессияи 16-уми таърихии Хуҷанд ба вазифаи вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон пешниҳод шуд. Ӯро ман аз айёми донишҷӯӣ мешинохтам. Як донишҷӯи аз факултаи таърих аълохону ташкилотчӣ, раиси комсомолону ҷавонони бузургтарину баобрӯйтарин донишгоҳи кишвар - Университети давлатии Тоҷикистон буд.

Дар аҳди Шӯравӣ бо ҳамин қобилию ташкилотчигияш аз котиби якуми комсомоли Тоҷикистон то вазифаи раисии як ниҳоди пурнуфузи умумишӯравии ҷавонони бинокор "Спутник" расиду Маскав рафт...

Ин дар он замон барои як ҷавони ғайрирус аз имкон берун буд. Вале Рашид Олимов - ҳамкурси собиқи мо аз факултаи таърих ба ин бо қувваю заковати худ ноил гардид.

Ӯ аз оилаи ашрофзодагони миллати тоҷик аст. Падарашон Қутбиддин Олимов яке аз асосгузорони синамои тоҷик ва шахсияти бузурги фарҳангӣ, падарарӯсаш олими тавонои миллат, Президенти академияи илмҳои Тоҷикистон академик Муҳаммад Осимӣ, ки дар паҳлуи устод Бобоҷон Ғафуров Тоҷикистонро дар ҷаҳон муаррифӣ мекард, дар тарбияи фарзандашон ҳисса доштанд.

Рашид Қутбиддинович дуои ин ду бузургворро гирифта буд...

Хоҳараш зеботарин духтар, яке аз аввалин наттоқони телевизиони тоҷик Хосият Олимова, ҷояш ҷаннат, аз дунё ҷавон даргузашт. Бародарашон Акмал Олимов яке аз журналистони боистеъдод буданд.

Хулоса, Рашид Олимов мактаби муътабари авлодӣ дошт ва ҳамингуна муваффақ то Намояндаи доимии Тоҷикистон дар Созмони Милал, сафири кишвар дар Хитой ва котиби генералии Созмони ҳамкориҳои Шанхай (ШОС) расид...

Ман дар бораи ин се вазир, ки акнун бознишастаанду паҳлуяшон ҳастам, дидгоҳамро менависам.

Зеро Талбак Назаровро "дар домонаш намоз хонӣ, меарзад"-у Ҳамроҳхон Зарифӣ дар талаби кори давлатӣ "акагию додарӣ надошт", вале дар рӯзи мушкилиат дар шахси ӯ акою падар доштӣ...


Абдулфайз АТОЙ



ЧАШМ БА РОҲИ ПАДАР

Чӣ тавр кӯдаки 1,5-сола бе волидайн то Амрико расид?

Тифле, ки бо низомиёни хориҷӣ Кобулро тарк кард, бо модараш дар Амрико мунтазири падар аст. Ин кӯдаки афғон соле пеш ҳангоми фирори дастаҷамъии сокинон аз Кобул тасодуфан бо ҳавопаймое бидуни волидон ба хориҷи кишвар бурда шуд. Ҳоло ӯ боғча меравад. Он замон ӯ 1,5-сол дошт, ҳоло 2,5-сола шудааст.



Дидор пас аз 40 рӯз

Баъди беш аз 40 рӯзи дурӣ аз тифл модару кӯдак дар Амрико ба дидори ҳам расиданд. Модари ҷавон хушҳол аст, ки кӯдаконашро дар ин кишвар бузург мекунад, аммо ӯро сарнавишти падари фарзандонаш, ки дар Афғонистон мондааст, нигарон кардааст.

Бино ба гузориши "Озодӣ", Воҳида Ализодаи 20-сола ва ду тифли ӯ - Илёси 5-солаву Фарзоди 2,5-сола соли гузашта Афғонистонро тарк карданд. Онҳо ҳоло дар Иёлоти Вирҷинияи Амрико зиндагӣ доранд. Дар рӯзҳое, ки фурудгоҳи Кобул пуриздиҳом буд, волидони Фарзоди хурдсол барои дар зери по намондан тифлашонро ба дасти сарбозони хориҷӣ доданд. Вақте худашон вориди фурудгоҳ шуданд, дигар кӯдаку сарбозро наёфтанд.

Фарзодро танҳо ба Норвегия фиристоданд ва танҳо пас аз якуним моҳ модар тавонист тифлашро ба оғӯш гирад.

Воҳида Ализода, модари ин тифл мегӯяд: “Фарзод, ки 43 рӯз аз ман ҷудо буд, ҳоло ба боғчаи кӯдакона меравад. Ба хондани “Алифбо” шуруъ кардааст”.

Падари Фарзод бошад, пеш аз парвози ҳавопаймо барои ҷустуҷӯи фарзандаш аз фурудгоҳ берун шуд ва дар Афғонистон монд.

Танҳову бесарнавишт...

Дар муроҷиати худ падари Фарзод, ки намехоҳад шахсияташ муаррифӣ шавад, аз ҳукумати Амрико хост, то ба ӯ барои пайвастан бо зану фарзандонаш кумак кунанд. “Як сол боз оилаи ман дар Амрико зиндагӣ дорад ва ман дар Афғонистон танҳову бо сарнавишти номуайян мондаам. Ман аз ҳукумати Амрико мехоҳам ба мушкилӣ ман расидагӣ кунанд”,- гуфтааст ӯ.

Воҳида ҳам, ки таълиму тарбияи ду кӯдакро ҳоло ба танҳоӣ ба дӯш дорад, аз сарнавишти шавҳараш нигарон аст. “Аз омадани мо ба ин ҷо 10 моҳ гузашт. Вале шавҳари ман ҳамоно омада наметавонад. Ин маро нороҳат мекунад”,- мегӯяд номбурда.

Бо ин вуҷуд, ин зани ҷавон талош дорад зиндагии худ ва ду кӯдакашро дар кишвари дигар бисозад. “Ҳоло ман озод ҳастам. Кор мекунам, ҷойи зист дорам, фарзандонам боғча мераванд. Хушбахтам, ки онҳо хату савод меомӯзанд. Ин маро бисёр хушҳол мекунад”,- гуфт Воҳида Ализода, модари Фарзод.

Хушҳолӣ ва нигаронӣ аз оянда

Воҳида ин ҷо дӯстони зиёд пайдо кардааст, онҳо ба ӯ кумак мекунанд ва намегузоранд, ки худро дар ҷойи бегона тасаввур кунад. Ин зани афғон ҳамоно дар бораи сарнавишти ояндаи Афғонистону атфоли кишвараш фикр мекунад. “Ман мехоҳам, ки вазъ дар Афғонистон беҳтар шавад, то кӯдакон, махсусан, духтарон, мисли ин ҷо соҳиби маълумот шаванд ва мактаб раванд”,- гуфт ӯ.

Бо сари қудрат омадани Толибон, зиндагии занону духтарон дар Афғонистон мушкил шуд. Онҳо акнун наметавонанд озод ва бидуни ҳамроҳии мард ба берун бароянд ва кору таҳсил кунанд. Воҳида хушҳол аст, ки ӯ дар он низом зиндагӣ надорад, вале Фарзоду Илёси хурдсол ҳамоно чашм ба роҳи падар ҳастанд.

ҲАКАМОНИ ПУЛДӮСТДОР

Аз сарнавишти Диловар то пандҳои Нуъмон Азизӣ

Диловар дар мизе нишаста, китоб мехонд. Аз шавқ чунон ба китобхонӣ банд буд, ки аз оламу одам парвое надошт, зеро ин ҳиссиётро китобдӯстон нек медонанд, ки чӣ гуна аст. Кас худро дар дохили асар гумон мекунаду аз шавқ ҳаводиси атрофро фаромӯш месозад.

Дар рӯйи мизи Диловар ба ҷуз китоби хондаистодааш боз қариб дах китоби дигар меистоданд, ки тамошобин гумон мекард, вай бисёр худнамоӣ мекунад. Вале ин тавр набуд. Диловар он рӯзҳо ба озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ..." чунон тайёрӣ медид, ки ҳадафи ягонааш сазовор шудан ба ҷойи аввал буд. Ӯ муборизи асил буд, то ин вақт ба ҳар коре, ки азм намояд, то охирин нуқта мерафт. Масалан, замоне дар мактаб мақсад гузошт, то ба озмуни байни мактаббачагон аз фанни таърих равад. Устод Саид Маъруфов вақте рӯйхатро дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ мехонд, номи Диловар Кишвароврo бо тамасхури зиёд ба забон оварду давом дод: "Ин бачаи чалласавод, ки аз таърих "т"-ро намедонад, чӣ гуна ба олимпиада мерафтааст? Монед-е!". Ин сухани муаллими фанни таърих, ки нисбати Диловар хусумати авлодӣ дошт, чунон ба навчавон таъсир намуд, ки дар муддати 20 рӯз комилан тайёр шуда, дар озмун ҷойи 3-юмро сазовор гашт. Аслан, ба ҷойи аввалро гирифтанаш ҳам боварӣ дошт, лекин муаллими фанни таърих ба ҳакамон пул ваъда карда, ӯро ҷойи якум гирифтан намонд. Ҳакамони пулдӯстдор пулро дидаву яку якбора ғуломвор даст пеши бар кори муаллимро ҳал карданд. Холҳояшро кам карда, ба ӯ ҷойи сеюмро доданд. Диловар аз асли масъала огоҳ шуда, худи ҳамон рӯз ба назди мудири маорифи ноҳияашон рафта, бо роҳе иҷозатномаи иштирокро дар даврҳои дигар ба даст даровард. Пагоҳ дар мактаб ҳама ӯро таърифу табрик менамуданд. Ба ҷуз муаллими фанни таърих, ки ҳатто ин ҷойи сеюми Диловарро ҳам дидан намехост. Ӯ бо кӯшишҳои зиёд он вақт то даври чумҳуриявӣ рафта, ҷой гирифта буд.

Имрӯз низ ҳамон азму ҷазмро дошт. Воқеан, барои ҷой гирифтан дар озмун вай кӯшишҳои зиёде кард. Бо бисёре аз бузургмардон ҳамсуҳбат шудааст.

Он рӯз Диловар мехост бо яке аз адибони барҷаста устод Нуъмон Азизӣ вохӯрад. Ӯ одамони бузургро аз шабакаҳои иҷтимоӣ ёфта, бо онҳо ҳамсуҳбат мешуд. Вақт таъин шуд, ки дар

китобхона вомехӯранд, вале ним соат пеш аз вохӯрӣ устод Азизӣ ба Диловар занг зада, бо таъкид пурсон шуд, ки аниқ ба вохӯрӣ тайёр бошад? Агар тайёр набошад, метавонад баъдан вохӯрад. Вале Диловар ин вохӯриро аз даст надода, ба омадани устод тарафдорӣ кард. Устоди хоксор худ ба китобхона омада истода буд. Вале вақте Диловар даст ба ҷайбаш бурд, дар кисааш ҳамагӣ маблағи як сафар дар маршрут дошту аз ин ҳол бисёр хиҷолатзада. Ба Карим - ҳамсинфаш, ки ягона дӯсту ғамгусораш буд, занг зада, хоҳиш кард, то ба корташ маблағ партояд. То омадани устод ба китобхона ҳамагӣ 15 дақиқа монда буд. Тасодуфан Карим маблағро ба корти гумшудаи Диловар мегузаронад. Диловар аз ин бисёр ранҷида, намедонад дигар чӣ кор кунад. Дар назди устоди бузург шояд хиҷолат кашиданашро тахмин намуда, аз китобхона берун мешавад. Аввал фикр мекунад, вале чун роҳе намеёбад, телефонашро хомӯш намуда, ба иҷорахонааш меравад. Вай аз Нуъмон Азизӣ омӯхтани бисёр чизҳоро интизор буд, вале надоштани маблағ ба ин кор монеъ гашт. Шояд ин рӯз ба ӯ маблағ он қадар лозим ҳам набуд, вале ба ҳар ҳол...

Баъди ҳамин воқеа дар дили вай бисёр як бадбиние нисбати пул пайдо шуд. То ҳол дар ҷойе, ки пул мавқеъ гирифтааст, он ҷойро Диловар макони соҳибдилон намеҳисобад...

***

Бо кӯшишҳои зиёд Диловар ба даври чумҳуриявии озмун роҳ ёфт. Инак, фаро расид рӯзи озмун. Диловар бо як ҳиссиёти тасвирношуданӣ ба толори пуркамераи номинатсияи "Адабиёти муосир" ворид мешавад. Ҳангоме дар пешорӯйи ҳакамон қарор мегираду сар боло мекунад, беихтиёр шах шуда мемонад. Зеро яке аз аъзои ҳакамон устод Нуъмон Азизӣ буд. Гарчанде устод шояд аз сабаби пирӣ Диловарро нашинохт ва маълум буд, ки бо дидани аксаш дар “Фейсбук” чеҳраашро дар хотир нагирифта буд, вале Диловар бисёр хиҷил шуд. Чи ҳиссиёте ӯро фаро гирифту яку якбора аз ҷавобдиҳӣ монд. Зеро ӯ чунин бузургмардро фиреб дода буд, албатта беихтиёр. Баъди 5 ё 6 суол Диловар ба худ омад. Қадре нафасашро чуқуртар кашида, қоматашро рост гирифт. Ба чашми устод диққат накарда, ба саволҳо ҷавоб дод. Озмун хотима ёфту ӯ ҳаргиз фикр ҳам намекард, ки сазовори ҷой мегардад. Вале тасодуфи ачибе рух дод. Субҳи эълони натиҷаҳо ногоҳ аз телевизор номи Диловарро дар қатори ҷойи 2-юм дарёфтанд. Диловар ба ин натиҷа бо ду дид нигоҳ мекард: яке ин ки шояд ягон хатое шуда бошад; дигар ин ки... устод ӯро шинохта, кумакаш кардааст.

Сабаб ҳам ба пешфарзи дуюми Диловар наздиктар буд. Инро ӯ замоне дарёфт, ки ҳангоми гирифтани ҷоиза устод Азизӣ шахсан туҳфаро ба ӯ супориду бо як чашмакӣ ба кисааш чизе андохт. Дар кисааш устод номае андохта буду дар он навишта шудааст: "Писари азиз! Ман дар ин қадар сол фаъолият кардам, ту нахустин ҷавоне будӣ, ки панди пиронро дӯст медоштӣ. Онҳое, ки бо ман суҳбат оростаанд, ангушт-шуморанд, зеро ҷавонони мо имрӯз ба бузургон эътибори кам медиҳанд. Ту мубориз ҳастӣ, писарам. Ман дар симои ту ояндаи бузургро мебинам. Панди пиронро ҳамеша сармашқи корат кун. Ҳама қолабҳоро шикан, то пул туро асир накунад. Ман он рӯз бо сабабе ба китобхона нарафта будам. Шогирдам тахминан 5 дақиқа дертар ба наздат мерасад, то узри маро расонад, вале ӯ аз рӯйи акс туро дар назди китобхона мебинаду оҷилан парешонҳол баромаданатро ба ман хабар дод. Ман аз асли кор бо андешаи худ огоҳ шудам. Писари азиз, ғуломи пул нашав! Бо эҳтиром, Нуъмон Азизӣ, адиб".

Қаландар НОРОВ,
донишҷӯи факултети журналистикаи ДМТ



КӢ ОБИ ДАРИ ХОНАРО БЕҚАДР МЕСОЗАД?

Чанде қабл меҳмони деҳаи Вистан гаштем, ки ин мавзеъ бо табиати зебову форамаш зиннатбахши як гӯшаи мавзеи хушманзари Ромит аст.

Воқеан ҳам, ин деҳаву дигар деҳаҳои ҷамоати деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат - Покрӯд, Арху, Вускеф, Коху, Хушон, Луфиғар, Пчев, Варва, Сорво ва ғайра, ҳамчун мавзеи афсонавию биҳиштӣ эътироф гаштаанд. Дар ин рӯзҳои гарму тафсон, мардум кӯшиш мекунанд, то соате ҳам бошад, дар оғӯши табиати зебои ин диёр истироҳату фароғат кунанд. Сайёҳони хориҷӣ низ мафтуни манзараҳои дилфиреби табиати зебои Ромитанд. Оби софу тозаи рӯду чашмасорони зулол ва меваҳои шаҳдбораш ком ширин кардаву бар дилҳо рӯшанӣ мебахшанд.

Ёдовар мешавем, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000-ум дараи Ромит ҳамчун минтақаи истироҳатӣ ва туризм эълон гардид. Хусусан, дар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (2018) аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат ва соҳибкорон дар минтақаи Ромит иншооти зиёд мавриди истифода қарор гирифтанд. Бале, иншооти истироҳатӣ зиёд, аммо нархи он гарон аст. Кӣ нархи чунин истироҳатгоҳҳоро назорату муқаррар мекунад, муаммоест сарбаста!

Батакрор мегӯям, ки воқеан ҳам табиати мавзеи Ромит дилкушост. Мардуми бумӣ низ амсоли табиати сарсабз дилкушоду сахидастанд. Эшон аз субҳи содиқ то шомгоҳон пайи даву този зиндагианд. Чун фасли сармо наздик аст, аз ин рӯ, ҳар хонавода кӯшиш мекунад, то аз ҳар рӯзи гармо пурмаҳсул истифода барад. Барои аз сардӣ наҷот ёфтан ҳезум, барои чорво коҳу алаф захира карда, оғилхонаву атрофу акнофи ҳавлиашонро ба низом медароранд, ба мевахушккунӣ андармонанд.

Ин ҳама шароити мусоид аз баракати меҳнати ҳалоли мардум аст, ки асло ба умеди дигарон нашуда, аробаи рӯзгорро мустақилона ба пеш мебаранд. Ҳар оила соҳиби гову мол, занбӯри асалу паранда ва боғҳои пур аз меваанд. Гӯшти хушсифату асалу ширу қаймоқи тоза ва гулу гиёҳи табобатӣ ба сиҳатии мардум таъсиргузор аст, ки нафаре ҳам аз саломатӣ шикояте надорад. На пиреро фишори хун азият медиҳаду на занону ҷавонон аз беморие ранҷ мебаранд...

Метавон хулоса кард, ки таъмини амнияти озуқаворӣ бо истифода аз маҳсулоти тару тозаи экологӣ пурра амалист.

Дар деҳаи Вистан бо ҷавонону пирони хушгуфтор ҳамсуҳбат шудем. Ҳар яке бо таассуф аз он рӯзҳои сахту мушкил ёдовар шуда, шукрона мекунанд, ки билохира ақлҳои солим аз болои нафси ақлбохтагон ғолиб омаду тинҷиву осоиштагӣ ҳукмрон шуд.

Вақте ба деҳаи Вистан расидем, офтоб аз паси қуллаҳо нав сар боло мекард ва дар даромадгоҳи деҳа кӯдакон - нонвороні хонаро вохӯрдем, ки бо харҳои пур аз хезум вориди деҳа мешуданд. Хеле хостем бо онҳо аз боби донишу хониш ва дигар мавзуот ҳамсуҳбат шавем, аммо онҳо аз суҳбат ва аксбардорӣ бо мо дурӣ ҷустанд, ба қавле нахостанд то ҳарфу суханашон мушкиле болои сарашон эҷод созад.

Аз тамошои раставу кӯчаҳои сангину боғу шаршараҳои хурди обии деҳа ҳаловат бурдем. Бахусус, тамошои масҷиди хурдакаку назарногири деҳа, ки ба қавли мӯсафедон умри 200-сола дорад, таваҷҷуҳи моро бештар ба худ ҷалб кард. Ҳарчанд аз бунёди масҷид 200 сол сипарӣ гашта бошад ҳам, аммо нақшбандии саҳфи масҷид ҳоло ҳам зебоиашро гум накардааст ва онро ҳамчун ёдгории қарнҳои XIII-XVII маънидод мекунанд. Рангмолию нақшу нигори саҳфу сутунҳои масҷид, дар маҷмуъ ин ҳама аз арзи ҳастӣ доштани бехтарин занон онро ҷамъоварӣ карда, қисматеро барои худ захира ва қисмати дигарро пешкаши мусофирон мекунанд. Як сатилчаи марминҷони хушмазза аз 15 то 25 сомонӣ арзиш дорад.

Агар соҳибкоре бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ меваи боғоти мардумро харидорӣ мекард ва истеҳсоли онро дар сеҳҳои хурди коркарди мураббою шарбат дар ҳар деҳа ба роҳ мемонд, он гоҳ фоида ҳам ба хазинаи давлат мерасиду ҳам ба соҳибкору мардум. Ҳамзамон, ҷойҳои нави корӣ фароҳам меомад, ҳисоботи воқеии масъулин ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави корию коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ҷойгузини ҳисоботи бардурӯғ мегашт. Аммо намедонам чӣ иллат аст, ки чунин андеша - бунёди сеҳҳои коркарди меваро масъуле дар сар надорад. Ё роҳандозии чунин коргоҳҳо фоида намеорад ва ё дигар омилҳое арзи ҳастӣ доранд, ки мо бехабарем?

Чунин вазъдар манотиқи Рашту Бадахшону Зарафшону Суғд ҳам ба назар мерасад. Миқдори зиёди мева хӯроки чорво аст...

Аз шаҳри Душанбе то ба деҳаи Вистан 80 километр роҳ аст, ки бинобар иллати харобии роҳ ин масофаро дар се соат тай кардем. То баромад аз маркази Ромит, роҳ хубу асфалтпӯш аст. Аммо идомаи роҳ - то Вистану Покрӯд, роҳи хокиву валангор сабаби дер ба манзил расидан мегардад. Равуои шабонарӯзии мошинҳои пуриқтидори борбару трактору экскватору булдозерҳо роҳро харобу таъмирталаб кардааст.

Шукр, ки манзараҳои тамошобоби ду тарафи роҳ таваҷҷуҳи мусофирону меҳмононро бештар ба худ ҷалб сохта, кас аснои сафар мондашавиро ҳис намекунад. Аммо мардум аз чунин вазъи нобасомони роҳ нороҳат нестанд, зеро ваъдаи қатъиашон додаанд, ки дар солҳои наздик роҳ пурра асфалтпӯшу замонавӣ мегардад. Бале, бояд ин роҳ ҷавобгӯ ба талабот бошад, зеро Покрӯд - макони тавлиди тиллову мавзеи хушбоду ҳавои сайру сайёҳӣ, муаррифгари кишвар аст.

Хуллас, чунин мавзеҳои афсонавию биҳиштиро метавон дар сартосари кишварамон вохӯрд, ки сарчашмаи рушди иқтисоди кишваранд. Пас, чаро аз ин ҳисоб дар мадди аввал мехоҳем чайбу ҳамёни худ пур созем, на аз хазинаи давлат?!

Сайёҳони хориҷӣ аз дуриҳои дур ба хотири истироҳату фароғат ба мавзеҳои афсонавии Тоҷикистон меоянд. Ташрифи онҳо ҳам иқтисодро ғанӣ мегардонаду муҳимтар аз ҳама, Тоҷикистон ҳамчун кишвари меҳмоннавозу сулҳпарвар ба ҷаҳониён муаррифӣ мешавад. Аммо чӣ омил аст, ки мо соҳибватанҳо бо ҳар гуна манфиатҷӯиҳоямон оби дари хонаамонро бекадр гардонидаем?!

Муҳиддин ИДИЗОДА,
махсус барои "Тоҷикистон"

ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН МАНСАБИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГИРИФТ

(Аввалаш дар саҳ.2)

Сухроб Ҳочиматов беш аз 25 сол таҷрибаи кор дар масоили рушд ва раҳбарии лоиҳаҳо дар созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои давлатӣ ва дар бахши хусусиро дорад. Ӯ хамткардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар риштаи ҳуқуқшиносӣ мебошад. Баъдан дар Донишгоҳи умумирусиягии адлия дар шаҳри Москва ва Коллеҷи миллии додгоҳии Невадаи Амрико таҳсил кардааст.

Ӯ собиқаи кориашро ба ҳайси муфаттиш дар Прокуратураи генералии Тоҷикистон оғоз кард, аммо хеле зуд ба созмонҳои байналмилалӣ гузашт.

Сухроб Ҳоҷиматов чандин сол дар мақомҳои раҳбарӣ дар тарҳҳои USAID (Агентии рушди байналмилалии Амрико) оид ба рушди ҳуқуқию иқтисодӣ дар Тоҷикистон кор кард ва сипас ба БРСММ - Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид гузашт.

Ҳоҷиматов аз ҷумла солҳои 2006-2013 дар қароргоҳи марказии БРСММ дар шаҳри Ню-Йорки Амрико ва дафтари ин созмон дар Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2013-2017 ин зодаи Тоҷикистон муовини мудири Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Сомали ва мудири дафтари пуштибонии БРСММ дар Сомали бо қароргоҳаш дар шаҳри Найроби, пойтахти Кения буд.

Солҳои 2017-2022 Сухроб Ҳоҷиматов ба ҳайси муовини Намояндаи доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Туркия ва Намояндаи доимии ин созмон дар Озарбойҷон кор карда, инак ба мақоми муовини Намояндаи доимии БРСММ дар Қазоқистон, бузургтарин кишвари Осиёи Марказӣ расид.

Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид яке аз бузургтарин муассисаҳои Милали Муттаҳид ба шумор рафта, дар Қазоқистон лоиҳаҳои марбут ба ислоҳоти низоми идораи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва мубориза бо тағйири иқлим, самаранокии низоми энергетикӣ ва тақвияти иқтисоди рақамиро маблағгузорӣ ва ба ин васила аз ҳукумати Қазоқистон дар роҳи иҷрои барномаҳои афзалиятноки рушди миллиаш пуштибонӣ мекунад.

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ФУРӮШИ ХОНА

► 2-ҳуҷрагӣ, қабати 2, таъмиршуда, суроға: Зарафшон. Тел: 907-29-49-49.

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-3.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Деҳи боло 137 ба номи Алиев Аҳтам Рустамович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Сайдалиев Ҷамшед Алимаҳмадович, РЯМ: 3330031275, РМА: 335246589, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва сертификати соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳафизов Муслиҳиддин Асамидинович, №0226731, РЯМ: 3330061075, ки Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ 29.02 соли 2016 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03098460-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансур 24.01 соли 2020 ба Кахарова Анастасия Анатольевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо варақаи қайди №852-и гумшуда, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, совхози Варзоб, уч. Чимтеппа ба номи Муродова Нозигул, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии АА №161444-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино соли 2022 ба Баҳронов Ҷамшет Ғаниевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ №019664-и гумшуда, ки онро муассиаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Сино соли 1998 ба Ҳаётова Ҳамида Азизовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2017 ба Исломова Фарзона Шералиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1001384-и гумшуда, ки онро Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе соли таҳсили 2019-2020 ба Сулаймонов Абубакр додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии маркази тиҷоратӣ бо масоҳати 84.3 м.кв., ба номи ҶСК "Мостдорзнак", бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2 бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ба номи ҶСК "Мостдорзнак", бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2 бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии маркази тиҷоратӣ ба масоҳати 79.8 м.кв., ба номи ҶСК "Мостдорзнак", бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2 бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №176850-и гумшуда, ки онро СПТУ №55-и шаҳри Душанбе соли 1988 ба Ягодкина Людмила Леонидовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ҶТ №0070100-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино 17.06 соли 2021 ба Мирошников Руслан Валерьевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ақди никоҳ ба номи Юсупова Бахтинисо Султоновна ва Мирзоев Суҳроб Қосимович, ки онро ЗАГС-и марказии шаҳрӣ 7.08 соли 2010 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0187544-и гумшуда, ки онро муассиаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ 26-уми июни соли 2015 ба Қудратова Зуҳро Назридиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ “Ширинтоҷ" РЯМ: 0410025367, РМА: 040045726, ки онро бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Сино додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ "Зафарҷон С", РЯМ: 1410002578, РМА: 140005245-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0160063 бо рақами қайди №4077-и гумшуда, ки онро ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2021 ба Ҳакимов Наим Раҳимович додааст, беэътибор дониста шавад.

ЧАВОБИ СКАНВОРДИ №31

З	И	Ё	В	И	Д	И	Н	■	Р	Э	П
■	■	■	■	С	■	■	О	■	■	■	А
Ш	■	■	■	Т	А	В	Р	■	■	■	Р
О	■	■	■	И	■	И	■	■	■	■	В
Д	■	■	■	Л	И	Р	А	■	■	■	И
К	■	Ш	У	О	■	К	■	О	Б	О	Н
О	С	Т	■	■	■	А	■	Л	■	Р	■
М	■	О	С	Т	И	Н	Ф	И	Ш	О	Н
■	■	Р	■	А	■	■	А	■	О	■	О
А	Л	М	О	С	■	П	О	Й	Д	О	Р
З	■	■	■	А	Б	О	■	■	■	■	В
И	■	■	■	Б	■	И	■	■	■	■	Е
З	■	■	■	Б	О	Н	Г	■	■	■	Г
О	■	■	■	У	■	■	О	■	■	■	И
В	■	Л	И	Т	Р	■	З	А	К	И	Я

ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В АУКЦИОНЕ

CARITAS Schweiz Suisse Svizzera Svizra

Отделение Каритас Швейцария в Республики Таджикистан объявляет аукцион для продажи автомашины Audi A6 Allroad год выпуска 2003 года, цвет металик, бензин, коробка передачи автоматическая. Предложение принимаем в закрытом конверте без указание имени на обложке конверта. Цену пишем в бумаге с именим и номер телефна положем в конверт и закроем конверт.

• Приём предложений до 19-го августа 2022 года.

• Все заинтересованные лица могут отправит свои предложении в офисе Каритас Швейцария улица ШУКУФОН 59.

• Телефон для справок: (+992) 918 54 15 75

JOB VACANCIES

UNDP Empowered lives. Resilient nations.

UNDP is the United Nations' global development network, an organization advocating for change and connecting countries to knowledge, experience and resources to help people build a better life. We are on the ground in 177 countries, working with them on their own solutions to global and national development challenges. UNDP has been on the ground in Tajikistan since 1994. UNDP's programme in the country consequently represents a broad spectrum of activities, including Poverty reduction; Good governance; Crisis prevention; Energy and environment and Reducing burden of HIV/AIDS, Malaria and Tuberculosis

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **National Consultant for Final evaluation of the "Strengthening Communities in Khatlon region and Rasht Valley of Tajikistan" project/Национальный консультант для проведения финальной оценки проекта "Укрепление сообществ в Хатлонской области и Раштской долине Таджикистана**: IC National; **Duty Station:** Dushanbe, Tajikistan; **Deadline**: 1 September 2022);

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website*:* www.tj.undp.org > Jobs. Applications without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:
http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554

Тақвими моҳона



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафта барои ҳамалҳо бобарор ба шумор меравад. Масъалаҳое, ки тӯли чанд вақт ҳалнашаванда буданд, ба хубӣ анҷом меёбанд. Рӯзи сешанбе даромади калони пулӣ табъатонро болида мегардонад. Нимаи дуюми ҳафта эҳтиёткориро пеша кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта бо ташвишҳои пай дар пай дар хонаву ҷойи кор саргаранг мешавед. Дар сурати аз уҳдаи коре набаромадан аз дӯстонатон маслиҳат пурсед. Дар масъалаҳои корӣ ягон ҳуҷҷатро насанҷида, имзо накунед, вагарна хавфи сахт фиреб хӯрданатон вуҷуд дорад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта ҷавзоҳо роҳҳои ба тиҷорат машғул шуданро меҷӯянд. Эҳтиёт шавед, ба доми ҳаннотон наафтед. Дар коргоҳатон каме нофаҳмӣ пеш омада, боиси ҷангу ҷанҷол гашта, обрӯятонро дар байни дӯсту душман мерезонад. Худро ба даст гиреду ба эҳсосот дода нашавед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта ба шумо хариду фурӯш, ҳатто қарз доданро тавсия намедиҳем. Харидатон бебарор ва қарзи додаатон дарди сар мешавад. Нимаи дуюми ҳафта нафароне, ки бемории фишорбаландӣ доранд, каме нотоб мегарданд.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафтаи нав бо шунидани хабари хуш оғоз мешавад. Агар хоҳед, ки нақшаҳоятон барбод нараванд, хушхабарро аз дӯстонатон пинҳон кунед. Нимаи дуюми ҳафта дар коргоҳ ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо эҳтиёт бошед, вагарна хатоҳои кардаатон дарди саратон хоҳад шуд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта шуморо лозим меояд, ки забонатонро аз ғайбат ва иғвоангезӣ нигоҳ доред, вагарна ба ҳолати ногувор дучор мешавед. Ба гӯшатон хабаре мерасад, ки гӯё дӯсти наздикатон дар бораи шумо гапу гапчаҳо паҳн мекардааст. Сабур бошеду дӯстатонро назорат кунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ин ҳафта орзуҳои деринатон дар пояи амалишавӣ қарор доранд, аз ин рӯ, эҳтиёткор бошед ва кӯшед ягон амале содир накунед, ки боиси ранҷиши роҳбарон ва ба хоки сияҳ яксон гаштани орзуҳоятон гардад.

Нимаи дуюми ҳафта гирифтани вазифаи нав дар назар аст.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар коргоҳатон бисёр тағйирот шуморо интизор аст. Вазифае, ки пеш иҷро мекардед, шояд насиби дигарон шавад. Даромади калони пулӣ имкони харидани ҷиҳози орзукардаатонро медиҳад. Ба даргоҳи акрабҳои муҷаррад қадам гузоштани хостгорҳо дар назар аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта қавсҳо бояд аз навиштани мактубҳои вобаста ба ҳамкорӣ ҳатто тариқи интернет худдорӣ намоянд, чунки дар ин рӯзҳо бастани шартнома ва имзо намудани ҳама гуна ҳуҷҷатҳо бебарор анҷом меёбад. Вохӯриҳои кориро ба дигар рӯз гузаронидан бехтар аст.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Аввали ҳафта ҷаддиҳо дар хариду фурӯш каме ба хатой рох медиҳанду ҳангоми додани пул фиреб мехӯранд. Аз ин рӯ, бодиққат бошеду ба саросемагӣ рох надиҳед. Даромади хуб ба даст оварда, баргардонидани қарзҳоро фаромӯш насозед.




Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта далвҳоро мебояд каме зираку хушёр бошанд, чунки шарикони корияшон ба чашмашон хок пошиданӣ мешаванд. Вазъиятро беназорат нагузоред. Нимаи дуюми ҳафта дар коргоҳатон иғвоангезон нағмаи навбатиро ба кор мебаранд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта ҳутҳоро айёми ноором дар назар аст, дар идораатон ҳангоми муошират бо ҳамкорон ва ҳатто роҳбарият каме нофаҳмӣ сар мезанад. Кӯшиш кунед хатоятонро сари вақт бартараф намоеду бахшиш пурсед, вагарна хавфи бекор монданатон дар назар аст.



АСАБҲОЯТОН ХАРОБ АСТ?
Чанд гиёҳи муъҷизанок дармони шумо

Дар як идораи бонуфуз кор мекунам. Намедонам таъсири рӯзи дароз дар паси компютер нишастанам бошад ё душвориҳои зиндагӣ, ки асабҳоям сахт хаста шудаанд. Бо андак гап ба ғазаб меоям, гоҳо ба кӯдаконам низ даст мебардорам. Ростӣ, худамро идора карда наметавонам. Чанд маротиба доруҳои оромкунандаи асаб истеъмол кардам, вале шавҳарам монеъ шуд, ки онҳо зарар доранд. Хоҳиш мекунам, ки чанд роҳи табобати халқиро тавсия диҳед.

Гулистон ЎРУНОВА, шаҳри Душанбе

Посухи табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:

- Хоҳари азиз Гулистон, аз эҳтимол дур нест, ки асабонияти шумо таъсири хастагии зиёд бошад. Пеш аз ҳама одати ба сари кӯдак даст бардоштанатонро партоед. Бисёриҳо ба хотири пеш бурдани зиндагиашон ҳатто рухсатии меҳнатӣ намегиранд. Агар шумо ҳам аз ҳамон тоифа бошед, фавран барои ба рухсатӣ баромадан ариза нависед, чунки бо чунин асабҳои хароб на худатон эҳсоси шодмонӣ менамоеду на корхона аз кори мекардаи шумо баракат меёбад. Фаромӯш накунед, ки шумо барои ҳама, ҳатто барои шавҳару фарзандатон низ солиму бардам ва хандону меҳрубон лозим ҳастед.

Ман ба шумо чанд гиёҳи дастрасро тавсия медиҳам, ки асабро ором менамоянд. Ҳамарӯза аз ин гиёҳҳо даво тайёр карда, бинӯшед.

Аввал: Решаи сунбул (валериана)-ро бо пудинаи боғӣ ва гули бобуна якҷоя карда, як қошуқи ошхӯрии ин гиёҳҳоро дар 200 грамм оби ҷӯш дар зарфи сирдор аз шаб то саҳар дам кунед, сипас соф карда, дар ягон зарфи шишагин бирезед. Рӯзе 3-4 маротиба аз ин гиёҳоб дуқошуқӣ бинӯшед, асабатонро ором менамояд.

Дуюм. Ниёзбӯ, тухми карафс ва решаи сунбулро ба миқдори баробар гирифта омехта намоед ва ду қошуқашро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби ҷӯшомадаро бирезеду монед то саҳар истад. Дар давоми рӯз чанд маротиба нимпиёлагӣ аз ин даво бинӯшед.

Сеюм. Асабоният ҳамроҳ бо фишори хун бошад, давои зерин ба дарди шумо меҳӯрад: пудинаи сиёҳ, кокутӣ, карафс (реша, барг ё тухмаш), ниёзбӯ (мелиса), решаи сунбул ва дӯлонаи сурх. Решаи сунбул ва дӯлонаро дар зарфе гирифта, 15 дақиқа дар бухори об нигоҳ доред, сипас гиёҳҳои дигарро андохта, монед ним соат истад. Пас аз ин давои ҳосилшударо соф карда, сеқошуқӣ рӯзе 4-5 маротиба бинӯшед, асабҳоятон ором, фишори хунатон муътадил ва табъатон болида мегардад.

3 РОҲИ ХАЛОСӢ АЗ БЕМОРИҲОИ ДИЛУ РАГҲО

Сабаби асосии афзоиши бемории дилу рагҳоро табибон дар сатҳи баланди липопротеинҳои зичии паст (холестерин) дар хун арзёбӣ мекунанд. Баландшавии холестерин пеш аз ҳама дар натиҷаи ғизои нодуруст, бефаъолиятӣ ва одатҳои бад, аз ҷумла пурхӯрӣ ба вуҷуд меояд.


Табибон 3 роҳи осони пешгирии ин навъи бемрориро тавсия медиҳанд:

1. Кам кардани миқдори холестерин дар хун. Барои ин, шумо бояд аз вазни зиёдатӣ халос шавед.

2. Мунтазам машқ кунед. Дар як рӯз ҳадди ақал 22 дақиқа пиёда рафтан.

3. Даст кашидан аз одатҳои зарарнок (пурхӯрӣ, тамокукашӣ, нӯшидани машрубот).

Бо риояи ин 3 қоидаи тиллоӣ ва оддӣ метавон аз бемориҳои системаи дилу рагҳо, ки имрӯз дар ҷаҳон пешсафанд, халос шуд.



НУР ТАБАРОВ – СОБИҚ ВАЗИРИ ФАРҲАНГ ДАРГУЗАШТ

Нур Табаров, адиб, рӯзноманигор, драмманавис, ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ ва собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон шаби 14-уми август дар синни 81-солагӣ даргузашт. Наздикон гуфтанд, ки марҳум солҳои охир аз беморӣ ранҷ мекашид.



Маросими видоъ бо шахсияти шинохта субҳи 15-уми август дар назди хонааш дар пушти чойхонаи "Роҳат" баргузор гардида, пас аз хондани намози ҷаноза дар масҷиди Сари Осиё тобути ӯро ба шаҳри Вахдат бурданд ва дар зодгоҳаш ба хок супурданд.

Нур Табаров (Табаров Нурмуҳаммад) 15-уми июли соли 1941 дар деҳаи Ғешии ноҳияи Кофарниҳон (ҳоло шаҳри Вахдат) ба дунё омада, соли 1962 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, соли 1970 шуъбаи рӯзноманигории Мактаби олии ҳизбии Маскавро ба итмом расонида, солҳои тӯлонӣ корманди матбуот, аз ҷумла, ходими адабӣ, котиби масъул, ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», хабарнигори махсуси рӯзномаи «Комсомольская правда» дар Тоҷикистон, муҳаррири рӯзномаи «Комсомолец Таджикистана», муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ», котиби масъули ҳафтаномаи «Сухан», муҳаррири ҳафтаномаи «Навиди бозаргон», ҷонишини муҳаррири моҳномаҳои «Фарҳанг»-у «Тоҷикистон» буд. Чанд сол вазифаҳои мудири шуъбаи тарғиботи Кумитаи ҳизбии шаҳри Душанбе ва мудири шуъбаи маданияти КМ ПК Тоҷикистон, вазири фарҳанги ҷумҳурӣ, ҷонишин ва раиси Иттиҳодияи «Тоҷиккино» ва сардори раёсати равобити байналмилалии Вазорати фарҳангро бар уҳда дошт. Солҳои 1987-1990 вакили парлумони Тоҷикистон буда, соли 2002 узви Шӯрои машваратии Академияи фарҳанги мамолики Осиёи Миёна интихоб шудааст. Раиси Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Афғонистон, узви Иттиҳодияи ходимони театр ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1983) аст.

Нур Табаров муаллифи беш аз понздаҳ маҷмӯаи ҳикояву намоишнома ва очерку мақолаҳост. Аз соли 1960 ба эҷоди бадеӣ машғул шуда, осорашро дар маҷмӯаҳои «Роҳҳои дуру наздик» (1977), «Ин баҳор чӣ меорад?» (1983), «Дарёи нур» (ҳамроҳи Раҷаб Мардон, (1985), «Дар чорсӯ» (1986), «Чорсӯ» (2000) ва ғайра гирд оварда, манзури хонандагон гардонида буд. Ҳамзамон, тарҷумаҳои ӯ адабиёти моро ғанӣ намудааст. Ӯ Барандаи ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ва Корманди шоистаи Тоҷикистон буда, бо медали Ҷумҳурии Қазоқистон «Остона» қадрдонӣ шудааст.

ДИРЕКТОРИ “АВТОРАДИО ТОҶИКИСТОН” ВАФОТ КАРД



Фаридун Хайруллозода, ровӣ ва рӯзноманигори ҷавон, директори радиои “Авторадио Тоҷикистон” шоми 11-12-уми август дар Душанбе даргузашт. Ӯ 27 сол дошт.

Баъзе аз дӯстони марҳум дар саҳифаҳои иҷтимоӣ аз якбора ба амал омадани ҷунин ҳодиса дар тааҷҷуб афтода, аз мақомот хостаанд сабабҳои марги ӯро таҳқиқ намоянд. Зеро ба назари онҳо Фаридун шикояте бобати бемор будан надошт ва шаби рух додани ҳодиса дар базме хизмат карда буд.

Нусратулло Маҳмадзода, суханғӯи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон гуфт, ки “агар худкушӣ бошад, сабабу омилҳояшро маълум хоҳанд кард”.

Аз марги Фаридун Хайруллозода наздикону пайвандон ва дӯстон шокӣ буданд ва ҳоло ҳам боварашон намеояд.

Зулайхо Тошева, яке аз пайвандони марҳум аз Фаридун Хайруллозода чунин ёд кард: "Фаридун бисёр бачаи хуб буд, барои рафтани ӯ зиёд ғамгин шудаем. Ҷияни худам буд, дар радиову телевизион кор мекард. Фақат аз даҳонаш гапи хуб меборамад ва боре ҳарфи бадашро нашунида будем".

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷамъи дӯстону наздикони ӯ аз хислатҳои некаш ёд карданд.

Фаридун Хайруллозода риштаи иқтисодии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистонро хатм намудааст, вале аз овони наврасиву ҷавонӣ ҳамчун як ровии муваффақ шинохта шуда буд.

Фаридун аз соли 2006, дар синни 11-солагиаш дар барномаҳои ТВ "Баҳористон” ровигӣ мекард. Соли 2009 дар телевизиони “Сафина” муаллифии барномаҳои субҳгоҳии ин шабакаро ба дӯш гирифта буд. Як муддат дар “Радиои Ватан” низ фаъолият намудааст.

Соли 2017 Фаридун барои фаъолияти пусамар дар шабакаҳои иҷтимоӣ соҳиби ҷоизаи “Беҳтарин блогери Тоҷикистон” шуд. Соли 2018 директори радиои “Ҳамсадо” ва баъдан вазифаи директори генералии “Авторадио Тоҷикистон”-ро бар дӯш гирифт. Ӯ зодаи шаҳри Вахдат буда, аз ӯ як духтар ба ёдгор мондааст.

Тақвими ТОҶИКИСТОН

17-УМИ АВГУСТ

ХУРШЕД КОМИЛОВ (1962), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи кимиё, хизматчии давлатӣ.

ГУЛРӮ ЮСУФӢ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

ТАМАРА АБАЕВА (1927), 95-солагии зодрӯзи доктори илмҳои таърих, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

18-УМИ АВГУСТ

МАЪРУФИДДИН МИРЗОШАРИПОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодиёт.

РАЪНОХОН АБДУРАҲМОНОВА (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

ЗАУР ДАХТЕ (1937), 85-солаги зодрӯзи наворбардори кино, Корманди шоистаи маданият ва фарҳанги ҷумҳурӣ.

ПӮЛОД ПӮЛОДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми математика, профессор.

ДОДАРҶОН САЛИМОВ (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

19-УМИ АВГУСТ

МАРАТ ЗИНАТУЛЛОЕВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

АБДУҲАМИД ШАРИПОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи забоншинос, олими соҳаи филология.

20-УМИ АВГУСТ

АЛИҶОН ҒОИБОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илмҳои тиббӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

АЛӢ САИДОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

ГУЛЧЕҲРА АЛИЕВА (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодиёт.

ТАВАРАЛӢ ЗИЁЗОДА (НИЗОМПУР) (1942), 80-солагии зодрӯзи муаррих, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, дорандаи ордени “Шараф” дараҷаи 1.

21-УМИ АВГУСТ

ҲАМДАМ МУЪМИНҶОНОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

ВЛАДИМИР БОРБОТКО (1927-1996), 95-солагии зодрӯзи актёри театр ва кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

22-ЮМИ АВГУСТ

ДОДОҶОН ТОҲИРОВ (1927), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

ЕЛЕНА ВОЗНЕСЕНСКАЯ (1917-1991), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

23-ЮМИ АВГУСТ

ПАРДА ҲАБИБ (1962), 60-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим.

ТОҶИХОН ҒИЁСОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи забоншинос, олими соҳаи филология.

АЮБҶОН АЛИЕВ (1912-1966), 110-солагии зодрӯзии олими соҳаи кишоварзӣ.

ЛИДИЯ ГОНЧАРОВА (1922), 100-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

НУРАЛӢ ЭМОМАЛӢ - ҶАВОНҶАҲОНПАҲЛАВОН АЗ ТОҶИКИСТОН



Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни ҷавонон 10-уми август дар шаҳри Гуаякили Эквадор оғоз гардид, ки дар рӯзи аввали он паҳлавони ҷавони тоҷик Нуралӣ Эмомалӣ сазовори медали тилло шуд.

Ба иттилои Федератсияи байналмилалии ҷудо, дар чемпионат 373 варзишгар (208 писар, 165 духтар) аз 63 кишвар иштирок доранд. Тоҷикистонро 6 варзишгар миёни писарон дар Эквадор намояндагӣ мекунанд, ки инҳо Нуралӣ Эмомалӣ (-66 кг), Масъуди Аҳмадзод (-73 кг), Суннатулло Лоиқов (-81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилов (-81 кг), Эмомризо Анварзода (-100 кг) ва Мансур Раҳмон (+100 кг) ҳастанд.

Нуралӣ Эмомалӣ дар қувваозмоиҳои вазни -66 кг дар даври аввал бар намояндаи Италия Валерио Аккоглӣ, дар даври дуюм бар варзишгари Фаронса Максиме Моунданга, дар чорякфинал бар Муҳаммад Демирел аз Туркия, дар нимфинал бар Раду Извориану аз Молдова ва дар финал бар Азизбек Ортикови ӯзбекистонӣ дастболо шуда, унвони чемпиони ҷаҳонро сазовор гардид.

Нуралӣ дар баробари медали тилло 2500 доллар ҷоиза дарёфт кард.

БОЗИҲОИ ҲАМБАСТАГИИ ИСЛОМӢ

ДАСТОВАРДИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҚУНИЯИ ТУРКИЯ

Дар рӯзи чоруми Бозиҳои 5-уми ҳамбастагии исломӣ дар шаҳри Қунияи Туркия варзишгарони Тоҷикистон се медал - 1 нуқра, 2 биринҷӣ ба даст оварданд.

Медали нуқраи аввалро яке аз ширкаткунандагони Бозиҳои олимпии Токио-2020 Илдар Аҳмадиев дар варзиши сабук - мусобиқаи ҷаҳиш ба дарозӣ - бо натиҷаи 7.86 метр сазовор шуд. Дар ин сабқат медали тиллоро намояндаи Ӯзбекистон Анвар Анваров (8.01) ва медали биринчиро варзишгари кишвари мизбон Ир Наҷотӣ (7.83) ба даст оварданд.

Медали дуюми нуқраро Екатерина Ишенко дар мусобиқаи тенниси рӯи миз миёни варзишгарони имконияташон маҳдуд сазовор гардид. Мусобиқаи пара-тенниси рӯи миз (класси 9) ба таври даврӣ сурат гирифт. Дар мусобиқа 4 варзишгар ширкат карданд. Екатерина дар ду давр бар варзишгарони Эрон Пагоҳ Кулоҳрудӣ ва Сумайя Мустафовижафарухӣ ғалаба карда, аз варзишгари мизбон Неслихон Каваш мағлуб гардида, ҷойи дуюмро ишғол кард.

Дар куштии юнонӣ-римӣ варзишгарони Тоҷикистон Асламҷон Азизов дар вазни -55 кг ва Фирӯз Мирзораҷабов дар вазни -63 кг сазовори ду медали биринҷӣ шуданд. Асламҷон дар қуввазмоӣ барои ҷойи сеюм бар варзишгари Эрон Паноҳистонӣ бо ҳисоби 8:0 ва Фирӯз бар варзишгари Ӯзбекистон У. Тиркашев бо ҳисоби 8:1 дастболо шуданд.



ҶУДО



ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН СЕ МЕДАЛ БА ДАСТ ОВАРДАНД

16-уми август, ду рӯз қабл аз анҷоми Бозиҳои 5-уми ҳамбастагии исломӣ дар шаҳри Қунияи Туркия, паҳлавонони Тоҷикистон дар мусобиқаи ҷудо 3 медал - 1 нуқра ва 2 биринҷӣ ба даст оварданд.

Медали нуқраро паҳлавони маъруфи кишвар Комроншоҳ Устопириён дар вазни -90 кг сазовор шуд. Комроншоҳ, ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм бар намояндаи Эрон Сайидмуҳаммадризо Саидаминӣ, дар чорякфинал бар варзишгари мизбон Омер Айдин ва дар нимфинал бар паҳлавони Лубнон Карамноб Сагаипов ғолиб омад, вале дар финал аз намояндаи дигари мизбон Михаел Зганк мағлуб шуд.

Медалҳои биринҷиро Шодмон Ризоев дар вазни -81 кг ва Абубакри Акобир дар вазни -100 кг ба даст оварданд. Шодмон дар даври дуюм намояндаи Тунис Ҳачем Селамми, дар чорякфинал ҷудочии овозадори ӯзбек Шарофиддин Болтабоевро шикаст дода, ба нимфинал баромад. Дар ин давр Шодмон аз намояндаи АМА Нугзари Туталашвилӣ мағлуб шуд. Ӯ сипас дар қуввазмоӣ барои ҷои сеюм варзишгари қирғиз Асад Масабировро мағлуб кард.

Абубакр ҳам дар даври аввал озод буд ва дар чорякфинал бар намояндаи Қазоқистон Ислом Бозбоев пирӯз шуда, ба даври нимфинал баромад, вале дар ин давр аз варзишгари Ӯзбекистон Музаффарбек Турабоев мағлуб шуд ва барои ба даст овардани медали биринҷӣ варзишгари покистонӣ Қайсар Хонро мағлуб кард.

Шумораи медалҳои ҳайати олимпии Тоҷикистон ба 7 адад расид. Бозиҳо то 18-уми август идома меёбад. Варзишгарони мо дар намудҳои куштии юнонӣ-римӣ, камонварӣ, вазнбардорӣ, ҷудо ва каратэ мусобиқаҳоро идома медиҳанд.

ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ҶОЙИ СЕЮМРО ГИРИФТАНД

Дар шаҳри Душанбе Чемпионати 3-юми Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ миёни ҷавонони то 19-сола ба анҷом расид, ки дар он ҷавонони Тоҷикистон ҷойи сеюмро гирифтанд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо роҳбарии сармураббӣ Аҳлиддин Турдиев дар бозии якум бо Афғонистон бо натиҷаи 4:1 пирӯз шуд, сипас бо ҳисоби 3:1 Қирғизистонро шикаст дод. Дар бозии сеюм аз дастаи Ӯзбекистон бо натиҷаи 0:3 ва дар бозии охир аз дастаи Эрон бо ҳисоби 0:4 мағлуб шуд. Ҳамин тавр дастаи ҷавонони Тоҷикистон 6 имтиёз ба даст оварда, ки баробар бо дастаи Ӯзбекистон аст, аммо чун дар бозӣ бо ин даста шикаст хӯрда буд, ҷойи дуюмро ба Ӯзбекистон дод.

Дастаи мунтахаби ҷавонони Эрон бо 8 имтиёз ғолиби Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ гардид. Чуноне гуфтем, дастаи Ӯзбекистон бо 6 имтиёз дуюм шуд, дастаи Тоҷикистон медали биринҷӣ гирифт.

Ҷоизаи «Fair Play» ба дастаи мунтахаби Афғонистон тақдим шуд. Шаҳриёр Ҷабборов аз тими Ӯзбекистон бо 3 гол беҳтарин нишонзан ва капитани тими Эрон Муҳаммад Амин Ҳазбавӣ беҳтарин бозигари мусобиқа дониста шуданд.

МЕДАЛИ НУҚРАИ ҶУДОКОРИ ТОҶИК АЗ AKTAU ASIAN OPEN 2022

13-14-уми август дар шаҳри Актауи Қазоқистон Ҷоми кушоди Осиё (Aktau Asian Open 2022) ба хотираи Турар Жолдибаев баргузор шуд.

Дар мусобиқа 154 варзишгар аз шаш кишвар ширкат карданд. Тими мунтахаби ҷудои Тоҷикистон иборат аз 8 нафар дар ин мусобиқа иштирок карда, танҳо як нафар комёб шуд. Абубакр Шеров дар вазни -66 кг ба гирифтани медали нуқра даст ёфт.

Абубакр нерӯсанҷиро аз даври дуюм оғоз карда, бар варзишгари мизбон Азамат Зулҷалолов, дар чорякниҳоӣ бар ҷудокори дигари мизбон Болат Билол ва дар нимфинал бар сеюм ҷудокори мизбон Алмас Галимов пирӯз шуд, вале дар финал аз ҷудокори пуртаҷрибаи мизбон Сунгат Жубаткан бо дарёфти се «шидо» мағлуб ва барандаи медали нуқра гардид.

Варзишгари дигарамон Наврӯз Каримзод дар вазни -73 кг ҷойи ҳафтумро гирифт.

ШАКАРХАНД

Туҳфа

Мард аз зани дӯстдоштааш мепурсад:

- Ба ту чӣ туҳфа кунам?

Зан дар ҷавоб:

- Намедонам, ба ман ҳар гуна пулҳо маъқул аст.

Масофаи иҷтимоӣ

Дар толори суд аз судшаванда мепурсанд:

- Судшаванда, шумо ба гардан гирифтан намехоҳед, ки аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегурехтед?

Судшаванда мегӯяд:

- Не, рафиқ судя, ман танҳо масофаи иҷтимоиро риоя мекардаму халос.

Фишор

Карим ба Раҳим мегӯяд:

- Биё имрӯз ба сауна меравем.

Раҳим дар ҷавоб:

- Ба ман мумкин нест...

Карим мепурсад:

- Фишор ё занат?

Раҳим мегӯяд:

- Фишор аз ҷониби занам.

Бентли

Мард ба маҳбубааш мегӯяд:

- Ман бояд як чизро ба ту иқрор шавам.

Зан мепурсад:

- Тинҷӣ аст?

Мард мегӯяд:

- Ман зану се фарзанд дорам...

Зан дар ҷавоб:

- Уф, хайрияте... Ман фикр кардам, ки Бентли аз худат нест.

Туҳфа 2

Ҷарроҳи ҷавонро баъди ду маротиба ҷарроҳии бебарор карданаш мудири шуъба даъват карда, мепурсад:

- Гӯш кун, Аброров, ту дипломро харидаӣ чӣ?

Ҷарроҳ дар ҷавоб мегӯяд:

- Хафа мекунед, духтур, барои чӣ дипломро мехаридаам? Онро ба ман дар зодрӯзам туҳфа карданд!

Тухм

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, ин мурғҳои ҳамсоя дигар ба ҳавлиямон наомада истодаанд ку!

Шавҳар дар ҷавоб:

- Сабабашро донистан мехоҳӣ? Ман шабона дар даруни полезамон бист дона тухмро гузошта, саҳарӣ дар назди чашми ҳамсояҳо ҳамаашро ҷамъ кардам!

Нусхабардорӣ

Хушдоман аз келин мепурсад:

- Барои чӣ набераам ба писари ман монанд нест?

Келин мегӯяд:


- Хола, мебахшед, ман асбоби нусхабардорӣ надорам.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



РАССОМ НАСИБА

-Рафиқон, аз рӯи маълумоти нав ба ман расида, дар мо пора умуман вуҷуд надорад...



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

1,5 МЛН АНДОЗ АЗ ШИРКАТҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Пештар мегуфтанд, ки мақомоти андози Тоҷикистон минбаъд аз ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Google андоз меситонад. Ҳоло кадом ширкатҳои электронии хориҷӣ ба Тоҷикистон андоз месупоранд?

МУРОД, тоҷир

Тибқи маълумоти Кумитаи андоз, дар шаш моҳи соли ҷорӣ 23 ширкати хориҷӣ, ки дар Тоҷикистон ба хизматрасониҳои электронӣ машғуланд, зиёда аз 1,5 миллион сомонӣ ба бучети кишвар андоз аз арзиши иловашуда ворид сохтаанд.

Бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти боби 43-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати андозбандии даромади шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар Тоҷикистон ба хизматрасониҳои электронӣ машғул мебошанд (ба истилоҳ «андозбандии Google»), дар натиҷаи тадбирҳои мушаххаси Кумитаи андоз то 1-уми августи соли 2022-юм 23 адад ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Google Commerce Limited, Meta Platforms Irland Limited, Apple Distribution International Limited, Netflix International B.V., Amazon Web Services EMEA SARL ва ғайраҳо дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамзамон, бо мақсади дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ, анҷом додани корҳои профилактикӣ ва таъмини риояи муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби ширкатҳои хориҷие, ки тавассути шабакаҳои интернет ба шахрвандони Тоҷикистон хизматрасониҳои электронӣ анҷом медиҳанд, ба суроғаи электронии дигар ширкатҳои хориҷие, ки ба фаъолияти хизматрасонии фосилавӣ машғул мебошанд, мактуб ирсол карда шуда, онҳо тибқи тартиби муқарраршуда худро дар мақомоти андоз дар шакли электронӣ ба сифати андозсупоранда ба қайди давлатӣ гузошта истодаанд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН